Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 5-6
(194-195)
30 ноябри соли 2022

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## БО ТУ ДОРЕМ ИФТИХОР

Эй абармарди замон, пушту паноҳи тоҷикон,
Шуҳрати миллат бибурдӣ ин замон то осмон.
Миллати садпораро воҳид намудӣ оқибат,
Тоҷики ман боз гардид соҳиби тахти каён.

Бо ту дорем ифтихор, эй Пешвои муҳтарам,
Аз ҷабинат гашта рӯшан осмони кишварам.

Аз ту пирӯз аст имрӯз бахти ман, иқболи ман,
Шоду масрур дар Ватан хеши ману атфоли ман.
Чун уқобон пар кашам андар фазои кишварам,
Қудрату зӯру тавон пайдо намуда боли ман.

Бо ту дорем ифтихор, эй Пешвои муҳтарам,
Аз ҷабинат гашта рӯшан осмони кишварам.

Тоҷикистон шуд гулистон аз талошу заҳматат,
Хонаи тоҷик мунаввар аз туву аз ҳимматат.
Тоҷикон дар рӯи олам сарбаланду сарфароз,
Ҷовидон пойдор бодо рӯи олам давлатат.

Бо ту дорем ифтихор, эй Пешвои муҳтарам,
Аз ҷабинат гашта рӯшан осмони кишварам.

Менамоям ман ба номи Пешвоям ифтихор,
Заҳмати ӯ кард обод кишвари доимбаҳор.
«Арчаи сабзе бигардӣ дар диёри тоҷикон»,
Ин дуо андар забони пиру барнои диёр.

Бо ту дорем ифтихор, эй Пешвои муҳтарам,
Аз ҷабинат гашта рӯшан осмони кишварам.

Диловари МИРЗО



Ман бо қатъият изҳор намудам, ки ҷонибдори бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳастам.

Эмомалӣ Раҳмон

# ИҶЛОСИЯ БО РИСОЛАТИ ЭҲЁГАРӢ

**Устодон ва донишҷӯёни азиз!**

**Ҳар кадоми Шумо, дар симои Шумо наздикону пайвандонатон ва кулли мардуми бошарафи Ватани азизамонро бо фаро расии ҷашни бошукуҳи 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, сарбаландӣ, рӯзгори хушу босаодат ва дар ҷодаи кору фаъолият дастовардҳои беназирро таманно менамоям. Бигзор доимо фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар кишвари мо ҳукмфармо бошад.**



16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид, ки дар таҳкими давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши беандоза бузург бозид. Иҷлосия хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро дар Тоҷикистон эълон намуд.

Дастоварди беназири ин ҷамъомад интихоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки дар нахустин суханронии пурэҳсоси худ тарафдорӣ аз ташкили давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, бозгардонидани гурезагон ба Ватан, талош барои сулҳи ҳамешагиро иброз доштанд: «Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди миллати тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Дар умум, дар иҷлосияи мазкур 74 санади меъёрии ҳуқуқӣ, фармонҳо, қарорҳо қабул гардида, раисони кумитаҳо, комиссияҳои доимамалкунандаи Шурои Олӣ, раиси Шурои вазирон, аъзои Ҳукумат интихоб карда шуданд. Аз ин рӯ, бо боварии том метавон изҳор кард, ки Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ бунёдгузори асосҳои давлат ва давлатдорӣ, ниҳодҳо ва сохторҳои дахлдори давлатӣ буда, аз ҳама муҳимаш, боварии тамоми мардуми кишварро ба фардои дурахшон зинда кард. Дар дилҳо шуълаи умед барангехт. Дар натиҷаи ризоияти ҷомеа нишонаҳои ваҳдати миллӣ зуҳур кард. Мардуми шарифи Тоҷикистон аз баромадҳои самимонаю пурэҳсоси Сарвари давлат руҳу илҳоми тоза гирифтанд ва баҳри ободии диёри худ камар бастанд.

Иҷлосияи тақдирсози мазкур, ҳамзамон, ваколати Сардори давлатро низ ба зиммаи Пешвои миллат гузошта, он кас таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда гирифтанд. Дар андак муддат сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат назми ҷомеаро ба вуҷуд оварда, мардумро ба ояндаи дурахшон бовар кунонид.

Воқеан ҳам, Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар савганди худ содиқ монда, барои ба даст овардани сулҳи тоҷикон нахуст дасти мардонагии худро ба сӯи мухолифини ҳукумат дароз карда, сулҳи ҷовидонаи тоҷиконро ба даст оварданд. Тамоми нерую ғайрат ва ҳастии худро бароиояндаи дурахшони Ватан, пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва зиндагии пурсаодати халқи Тоҷикистон сарф намуданд. Ҳалқаҳои аз ҳам гусастаи Тоҷикистонро ба занҷираи мустаҳками иттиҳод пайваста, миллати азияткашидаи тоҷиконро аз вартаи ҳалокат ва нобуд раҳоӣ бахшиданд.

Маҳз бо шарофати Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлол бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ Қонуни асосии кишварро таҳия ва қабул намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии пешрафти ҳокимияти давлатӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрвандро мушаххас муайян намудааст.

Давраи навини қонунгузории кишвар аз ин иҷлосияи тақдирсоз оғоз гардидааст ва дар маҷмуъ, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ тадбирҳои муҳими сарнавиштсози зеринро анҷом додааст: роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд, сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт, хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пароканадагии миллатро пешгирӣ намуд, тадбирҳои мукаммали аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт, самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро аниқ ва мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод, қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

Дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ бо ташаббуси бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон зербинои кохи бегазанди сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон гузошта шуд. Дастоварди бузургтарини мо, ки на танҳо наслҳои имрӯзаи кишвар, балки наслҳои оянда низ бо ифтихор ба забон меоранд, таъмини сулҳу осоиши миллат ва ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Баҳри мо - омӯзгорон аз тарафи давлату ҳукумат, бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми имконоту шароитҳои мусоид баҳри зиндагии шоиста муҳайё карда шудааст.

Аз номи худам ва аз номи коллективи бисёрнафараи кормандон, устодону донишҷӯёни ДДМИТ ҷавобан ба ҳамаи ин ғамхориҳо ваъда медиҳем, ки ҳар як лаҳза зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста аз пайи таҳким бахшидан ба пояҳои давлатдорӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот, бо воя расонидани кадрҳои баландихтисоси соҳибкасб баҳри обод гардонидани Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони беназир самимона хизмат намуда, ҷонибдор ва пайравони асили сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошем. Боварии комил дорам, ки миллати тоҷик бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами худ ба ҳадафҳои стратегии рушд ноил мегардад.

Ҷашни 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ муборак бод!

**Ректори ДДМИТ**
**Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим**




# ИШТИРОК ДАР ОЗМУН ХУД ҒОЛИБИЯТ АСТ



Бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» санаи 22 ноябри соли 2022 баргузор гардид. Онро бо суханони ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода оғоз намуда, изҳор дошт, ки донишгоҳ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пайравӣ ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ дар асоси дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 28-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ин озмуни ҷумҳуриявиро баргузор менамояд.

Мақсад аз баргузории озмуни мазкур ҷалби бештари донишҷӯён ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани беҳтарин донандагони Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти донишҳои ҳуқуқии ҷавонон, дарёфт ва ҳавасманд гардонидани ҷавонони лаёқатманд мебошад, гуфт ректор.

Дар ҳақиқат, баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ миёни донишҷӯён барои баланд бардоштани завқи китобхонӣ, азхуд намудани донишҳои ҳуқуқӣ, санҷидани донишу малакаи худ, пайдо намудани робитаи зич бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва мубодилаи таҷриба мусоидат менамояд.

- Баргузории озмуни «Беҳтарин донандаи Конститутсия» бе сабаб нест. Зеро ҳуқуқ асоси мавҷудияти инсон аст. Шахс вазифадор аст ҳуқуқҳои худро дар шакли дуруст, бидуни зарар ба ҷамъият ва давлат, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони дигар амалӣ намояд. Маҳз ҳаётбахшии дониш муҳимтарин принсипи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, - гуфт Абдуалимзода Ҳ.

Озмуни мазкур аввалин чорабинии илмӣ дар мавзуи Конститутсия дар кишвар ба ҳисоб рафта, минбаъд низ ҳамасола баргузор хоҳад шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар озмун 30 иштирокчӣ - донишҷӯёни беҳтарин аз минтақаҳои Хатлону Суғд, Рашт ва шаҳри Душанбе аз 13 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҷамъ омада, дар назди аъзои комиссияи салоҳиятнок дониши худро санҷиданд.

Ҳамин тавр, ғолибон муайян гардиданд, Ҳумайнӣ Носиров, донишҷӯи курси 4 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ ва Шаҳром Ғуломализода, донишҷӯи ДМТ ҷойҳои якумро соҳиб гаштанд. Се ҷойи дувум муайян гардид, ки ба намояндагони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон насиб гардид. Ҷойи севум низ ба се нафар - донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Донишгоҳи (славянӣ)-и Тоҷикистону Россия, Донишгоҳи давлатии Данғара сазовор дониста шуд. Ба 5 нафар иштирокчии фаъол Ифтихорномаи ДДМИТ супорида шуд.

Хуллас, ҳамаи ғолибон бо Диплом ва мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуданд. Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланд доир гардид.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИЕ, КИ БА СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ АСОС ГУЗОШТ



“Истиқлолияти давлатӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 3 рукни асосии давлатдории Тоҷикистон мебошанд”,- гуфта шуд зимни чорабинии илмӣ-назариявӣ, ки рӯзи 3-юми ноябр дар донишгоҳ ба муносибати 28-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии мамлакат ва ҳамзамон, муаррифии китоби дарсии “Ҳуқуқи андоз” баргузор гардид.

Дар он Р. Шомуродзода - Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, А. Ғафурзода - д.и.х., профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Исмоилов - д.и.х., профессор, Арбоби шоистаи илм ва техникаи ҶТ, Ш. Ғаюров - д.и.х., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ҷ. Муртазозода - д.и.х., профессор, Раиси Комиссия оид ба назорати дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, А. Золотухин - д.и.х., профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва Ҷ. Бобоев – н.и.х., мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст, ректори ДДМИТ Ҳ. Абдуалимзода иброз дошт, ки агар ба таърихи начандон дури кишварамон назар андозем, маълум мегардад, ки дар рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ва пайдо гардидани давлати навин дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҷумҳурии тозаистиқлоли мо ба мушкилоти сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар ин айём ягона мақсад ин роҳ надодан ба парокандагӣ ва муттаҳид намудани мардуми кишвар буд. Рисолати аслии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ҳалли бӯҳрон ва хотима додан ба хунрезиҳо ба ҳисоб мерафт.

Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 16-уми ноябри соли 1992 дар вазъияти ниҳоят ҳассос дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, воқеан иҷлосияи таърихӣ буда, боиси ифтихори ҳар шахси ватандӯсту худогоҳ мебошад. Зеро дар он тақдири як миллати соҳибтамаддун баррасӣ мегардид. Маҳз ба шарофати ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ ва интихоб гардидани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ мо тавонистем аркони давлатдорӣ ва шоҳаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояҳои Истиқлоли давлатиро қавӣ гардонем.

Маҳз бо шарофати ин иҷлосияи таърихӣ сохтори конститутсионӣ барқарор ва қонунияту тартибот ҷорӣ шуда, имкон фароҳам оварда шуд, ки кор дар самти таҳияи лоиҳаи Конститутсия оғоз гардад.

Ректор дар идома афзуд, ки 6-уми ноябр аз ҷумлаи санаҳои таърихӣ ва тақдирсоз барои мардуми кишвар мебошад, зеро дар ин рӯз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва имрӯз ҳамчун кутбнамои зиндагии мардум баромад менамояд.

Қонуни асосии кишвар, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи басо мураккабу ҳассоси рӯзҳои аввали ташаккули давлатдории миллиамон қабул гардид, бузургтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсуб ёфта, ҳамчун санади муҳимми сиёсӣ ва ҳуҷҷати сарнавиштсоз барои амалӣ намудани ҳадафҳои неки миллати куҳанбунёдамон, яъне бунёди давлати муосир, ки ҷавҳари аслии онро низоми демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил дода, дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд, заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.

Дар охири баромади хеш Ҳ. Абдуалимзода андешаҳояшро дар бораи китоби дарсии “Ҳуқуқи андоз” иброз дошт.

Гуфта шуд, ки китоби мазкур моҳият ва аҳаммияти баланди таърихию ҳуқуқӣ дошта, муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар метавонанд аз ин ганҷинаи самаранок истифода баранд ва донишҳои назариявии худро такмил диҳанд.

Сипас, Р. Шомуродзода - раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният дар баёни маърузаи худ таъкид намуд, ки дар оғози раванди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ қувваҳои гуногун хуруҷ намуда буданд, ки ҳар як ҷунбиш манфиатҳои худро пайгирӣ мекард. Аз ин рӯ, дар он замон баргузории Иҷлосия дар шаҳри Душанбе ғайриимкон буд.

Ба андешаи Р. Шомуродзода, дар он солҳо касе фикр намекард, ки баргузории ин иҷлосия тақдирсоз мешавад ё не? Лекин интихоби Роҳбари давлат, пешниҳоди қонунҳо, аз ҷумла дар бораи баргардонидани гурезаҳо ва авфи умум, ки бевосита ба раванди демократӣ оварда расонид, инчунин, масъалагузориҳои Раиси Шурои Олӣ дар бораи ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ин иҷлосияро тақдирсоз намуд.

Раиси навтаъини Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо меҳру муҳаббати беандоза фикру ақидаи худро баён намуд, ки ба дили на танҳо иштирокчиён, балки ба қалби ноумеди мардуми тоҷик умеди тоза бахшид. Он замон халқ ҷонибдори қабули Конститутсияи нав буд.

- Вақте муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳороти сиёсии худро дар ин Иҷлосия ироа намуданд, пешниҳод карданд, ки қабули Конститутсияи нав тариқи муҳокимаи умумихалқӣ ба роҳ монда шуда, фаъолияти худро ба рушди давлат равона ва ба ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд асос гузоранд, - афзуд баромадкунанда.

Дар идома муаррифии умумии китоби дарсӣ аз ҷониби муаллифон сурат гирифт.

Омӯзиши фанни «Ҳуқуқи андоз» дар мактабҳои олӣ зарурати азхудкунии на танҳо санадҳои муҳимтарини қонунгузории андоз, балки асосҳои назариявии ҳуқуқи андозро ҳамчун фанни мустақил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ низ дар назар дорад.

Ҳамин тавр, чорабинии илмӣ-назариявии мазкур бо саволу ҷавоб ва музокираи аҳли нишаст ба олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқшиносӣ анҷом ёфт.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ИФТИХОРИ МО, ҶАВОНОН!

16-уми ноябри соли ҷорӣ бо ибтикори шуъбаи кор бо ҷавонони раёсати корҳои тарбиявӣ ва аъзоёни Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Пайравони Пешвои миллат»-и назди донишгоҳ бо як рӯҳияи болида дар донишгоҳ аксияи таблиғотӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти унвони «Пешвои миллат - ифтихори мо, ҷавонон!» гузаронида шуд.

Мақсади асосии гузаронидани аксияи таблиғотӣ, пеш аз ҳама, арҷгузорӣ ба Президент, ба хизматҳои арзандаи Пешвои миллат ва ин рӯзи таърихиву сарнавиштсози миллат мебошад.

Ҳамасола ҷашн гирифтани Рӯзи Президент ин нишонаи эътимоду муҳаббати мардум ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.



# ДАР БАЙНИ 62 КИТОБХОНА ДАР ҶОИ ДУВУМ

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки Китобхонаи илмии ДДМИТ дар байни 62 китобхонаи ҷумҳурӣ дар озмуни китобхонаи беҳтарин сазовори ҷойи дуюм гардид, ки ин нишондиҳандаи баландтарин аст.

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштан ва тақвият бахшидани кору фаъолият ва ҳавасманд гардонидани кормандони касбу кори гуногун оид ба баргузор намудани озмунҳои соҳавӣ аз рӯйи се номинатсия Озмуни ҷумҳуриявии «Китобдори сол, китобхонаи сол ва китобхонаи шахсии сол дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2022» баргузор гардид.



Озмун рӯзи 4-уми ноябри соли равон дар толори Китобхонаи давлатии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамъбаст гардид. Аз рӯйи номинатсияи «Китобхонаи сол» дар ин озмун Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иштирок намуда, аз байни 62 китобхона сазовори ҷои дувум гардид. Гадобек Маҳмудов, муовини директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба Директори Китобхонаи илмии донишгоҳ Абдулқаюм Юнусов ҷоиза ва Дипломро ботантана супорид.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар Китобхонаи илмии донишгоҳ 2 нафар китобдори калон, 3 китобдор, 1 китобшинос ва 1 нафар сармутахассиси китобхонаи электронӣ ба мизоҷон хизмат мерасонанд. Айни ҳол Китобхонаи илмии донишгоҳ дорои толори хониши барҳаво буда, барои 200 нафар ҷойи нишаст дорад ва фонди умумии китобҳо 113 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, 870 ҳазор китобҳои электронӣ дар хизмати ташнагони илму маърифат қарор доранд.

Мо бо ин музаффарият аҳли китобхонаи илмиро муборакбод гуфта, дар фаъолияти минбаъда муваффақиятҳои навинро таманно дорем.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# НАҚШИ МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ



Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон санаи 29-уми октябри соли равон дар донишгоҳ бо ташаббуси кафедраҳои менеҷмент ва менеҷменти молиявӣ дар якҷоягӣ бо раёсати илм ва инноватсия конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар» баргузор гардид.

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода кушода, қайд намуд, ки мавзуи баррасишавандаи конфронс мубрам буда, дар заминаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти инноватсия роҳандозӣ гардидааст. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷорисозии инноватсия ва рушди он дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул намудааст, ки барои танзими ин самт мусоидат мекунад. Феълан дар кишвари мо инноватсия дар истеҳсолот, технологияҳо ва тиҷорат истифода бурда мешавад, ки самараҳои нек ба бор овардааст, - гуфт ректор.

Сипас, раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи миллии менеҷерон ва маркетингшиносон», ректори Академияи менеҷмент ва бизнес, д.и.и, профессор Ш. Базаров дар мавзуи «Менеҷменти инноватсионӣ дар соҳаи маориф» баромад кард. Мавсуф таъкид дошт, ки маориф яке аз муҳаррикони инноватсия мебошад, зеро маҳз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инноватсияҳо кашф ва татбиқ мегарданд. Вале, мутаассифона, татбиқи инноватсияҳо дар макотиби олии кишвари мо камтар ба назар мерасад. Профессор дар мисоли Донишгоҳи технологии Техас ва Парки технологии Бангалор дар бораи самараи татбиқи инноватсияҳо дар хориҷи кишвар истода гузашта, роҳҳои истифодаи онҳоро дар донишгоҳҳои кишвари мо нишон дод. Ӯ қайд намуд, ки барои татбиқи инноватсияҳо дар донишгоҳҳо тиҷоратикунонии инноватсияҳо бояд ба роҳ монда, механизми идоракунии инноватсияҳо дуруст истифода бурда шавад. Барои ин, пеш аз ҳама, гурӯҳи ташаббускорон бояд таъсис дода шавад ва онҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ дар донишгоҳ таҳия намоянд ва раванди роҳандозии онҳоро назорат баранд.

Дар идома д.и.и., профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Таваралӣ Ғаниев дар мавзуи «Адолат ва ҳақшиносӣ ҳамчун арзишҳои моделсозиву системасозии стратегии роҳбарӣ дар менеҷменти инноватсионии асри XXI» маъруза намуда, аз ҷумла қайд кард, ки барои ноил гаштан ба натиҷаи бузурги адолату ҳақшиносии роҳбарӣ ҳар як менеҷерро лозим аст, ки объект, ҳаводис ва ҳолатро ҳамчун системаи ягонаву алоҳидаи адолати роҳбарӣ шиносад, ки он боз ба системаву модели навини электронии роҳбарии менеҷмент пурра пайваст шуда бошад.

Ҳамчунин, мутахассиси пешбари Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон, дотсент Сайалӣ Мирзоев дар мавзуи «Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ воситаи инноватсионии татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар» баромад кард.

Баромадкунанда гуфт, ки дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар татбиқи дастовардҳои инноватсионии иқтисодӣ ва идоракунии ин равандҳо нақши муҳим доранд. Барои ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати устувории иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ҳадафҳои стратегии рушд муайян шудаанд, ки тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро дар бар мегиранд. Татбиқи ҳадафҳои стратегии кишварро бе назардошти баланд бардоштани рушди молиявӣ, ки низоми босуръат афзоишёбанда ва рақобатпазири дорои пешниҳоди хизматрасониҳои босифати инноватсионии молиявӣ ва ба таъсири омилҳои дохилию берунӣ устувор мебошад, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар идома гуфта шуд, ки дар натиҷаи татбиқи вазифаҳои асосии саводнокии молиявӣ нишондиҳандаи умумии саводнокии молиявӣ ҳадди ақал ба андозаи 10 фоиз зиёд гардида, барномаҳои саводнокии молиявӣ ҳадди ақал 500,0 ҳаз. нафар аҳолӣ, аз ҷумла 150,0 ҳаз. нафар хонандаро фаро мегиранд. Бояд қайд кард, ки ҳамаи чорабиниҳои дар самти ислоҳоти низоми молиявӣ пешбинигардида барои баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар заминаи устувор гузошта шавад.

Конфронс дар ду бахш - бахши назария, методология ва амалияи менеҷменти инноватсионӣ ва бахши менеҷмент, молия, иқтисодиёти рақамӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ корашро идома дод. Дар он масъалаҳо оид ба нақши сармояи мустақими хориҷӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар, хусусиятҳои менеҷменти инноватсионӣ баррасӣ гардиданд ва, дар умум, зиёда аз 120 маъруза шунида шуд. Дар охир аз рӯйи натиҷаҳои конфронс ба мақомоти дахлдор пешниҳодоти илман асоснок карда мешавад.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**



# ПРЕЗИДЕНТИ МАН - ИФТИХОРИ МАН

Таҳти ҳамин унвон санаи 11-уми ноябри соли равон бо ибтикори бахши кор бо ҷавонони раёсати корҳои тарбиявии донишгоҳ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши илмию адабӣ баргузор гардид, ки дар он шоира Меҳринисо, З. Раҷабзода, директори КВД «Ориёно»-и назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Г.Маҳкамбой, муовини сардори раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва шумораи зиёди устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Дар оғоз шоира Меҳринисо ба китобхонаи илмии донишгоҳ ташриф оварда, бо ҳайати кормандон ва ҳаводорони ашъораш – донишҷӯён суҳбати хосса анҷом дод.

Баъдан, дар толори конфронсӣ А.Давлатзода сухани ифтитоҳӣ намуда, қайд намуд, ки ҳамасола рӯзи 16-уми ноябр мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Баробари Истиқлол Худованд ба халқи мо роҳбареро насиб гардонид, ки бо кирдору амалҳои некаш тавонист мардуми парешонро муттаҳид, дар кишвар сулҳу ваҳдатро пойдор ва ба ҷанги бемантиқ хотима диҳанд.

Дар давоми ҷамъомад З.Раҷабзода ва Г.Маҳкамбой сухани шодбошӣ намуда, қайд намуданд, ки Президенти Тоҷикистон пайваста дар бораи инкишофи соҳаи мактабу маориф, илму маърифат, фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ барои таҳсилу касбомӯзӣ ва ҳаёти ҷавонон ғамхориҳо зоҳир менамоянд.

Дар давоми ин гуфтаҳо шоира Меҳринисо сухан карда, иброз дошт, ки дар ҳар давру замон барои рушду пешрафти ҳар миллат фарзандони барӯманду фарзонааш нақши мондагоре аз хеш боқӣ мегузоранд. Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти барҷаста вақте ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик парешон ва кишвар дар вартаи ҳалокат қарор дошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошанд, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузоштаанд. Ҳамчунин, дар идомаи суханронии худ Меҳринисо аз эҷодиёти худ дар васфи Президент ва Тоҷикистон шеъру ғазалҳо қироат намуда, китоби «Оҳанги зиндагӣ»-и хешро, ки ашъори мунтахаби шоирро дар бар мегирад, ба китобхонаи илмии донишгоҳ тақдим намуд.

Дар ин ҳамоиш шоира Меҳринисо ва Г.Маҳкамбой ҷиҳати ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо Сипосномаҳо қадрдонӣ шуданд.

Дар анҷоми ҳамоиш дар ҳузури меҳмонон ба чанд нафар аз устодон ва донишҷӯёни донишгоҳ барои саҳми арзанда гузоштан ва мусоидат намудан дар татбиқи сиёсати босамари ҷавонон, иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ, тарбиявию фарҳангии донишгоҳ бахшида ба ин санаи таърихӣ Сипосномаи раёсати корҳои тарбиявӣ дар ҳолати тантанавӣ супурда шуд.

Ширкаткунандагон аз ин ҳамоиш ба худ як ҷаҳон таассурот бардоштанд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ШАҲЛО ҒОЛИБИ ОЗМУНИ ДАВРИ ШАҲРӢ




Боиси ифтихор ва хушнудист, ки устодону донишҷӯёни ДДМИТ боз аз дониши мукаммал, қобилияти зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии васеи худ дарак доданд. Санаи 9-уми ноябри соли равон дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, аз рӯйи номинатсияи эҷоди назму наср Шаҳло Пиримова, донишҷӯйи курси 4-уми факултети ҳисобдорӣ ва омор сазовори ҷойи сеюм ва дар ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти шаҳри Душанбе сарфароз гардид. Албатта, ин ғолибияту маҳбубият бе заҳмат ба даст наомадааст, зеро барои ба ин муваффақият ноил гаштан, дастгириву роҳнамоӣ ва маслиҳату машваратҳои пайваставу холисонаи шоири некандешу нексиришт ва устоди сахтгиру меҳрубон Ҷумъа Махшул кам нест. Зеро устод доимо дар лаҳзаҳои фориғ аз машғулиятҳои хеш дар китобхонаи донишгоҳ ҳамроҳи Шаҳло дар ҷодаи эҷоду навиштани шеъру ҳикояву драма роҳнамои хубу беминнат буд ва ба шогирди худ тамоми нозукиҳои ин пешаи заҳматталаб, яъне ҳикоянависиву банду басти шеър ва драманависиро меомӯзонад. Бинобар ин, ҳама умед бар он дорем, ки ин донишҷӯи мо зинаҳои ниҳоиро низ бо ғолибият паси сар намуда, номи донишгоҳро баланд хоҳад бардошт.

Бояд қайд кард, ки озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад.

**Евгения МИРЗОЕВА,**
**сардори раёсати илм**
**ва инноватсия**

# ТУҲФАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУБОРАК!



Боиси ифтихору сарфарозист, ки дастовардҳои устодону донишҷӯён рӯз ба рӯз меафзоянд ва бо музаффариятҳои хеш номи таълимгоҳро боло мебардоранд. Ин навбат н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳ Наҷмиддинзода Анвар Юсуфӣ, ки солҳои зиёд дар ташкили бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун хизмати софдилона кардааст, барои фаъолияти самаранок дар бунёди ин неругоҳи азим аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори НБО Роғун бо соати рамзӣ сарфароз гардонида шуд.

Бояд гуфт, ки ягон хизмат ва ё талошу корнамоиҳо барои рушду нумӯи кишвар бе подош намемонад ва ҳатман аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қадрдонӣ карда мешавад. Ин туҳфаи Пешвои миллат бозгӯи қадршиносии меҳнати кормандони арзанда аст.



# ҲАДАФ: ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ЗУҲУРОТИ МАНФӢ ДАР ҶОМЕА

Кирдори номатлубе, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти ҷомеа хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мебошад. Вобаста ба ин мавзуъ, санаи 27-уми октябри соли ҷорӣ дар толори таълимии донишгоҳ воҳӯрии А. Салимзода, муовини сардори раёсати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ф. Аҳмадзода ва Б. Максудзода, намояндагони Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД бо устодон ва донишҷӯён баргузор гардид.

Нахуст, ректори донишгоҳ Ҳ. Абдуалимзода иброз дошт, ки ҳифзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як сокини ин сарзамин буда, он кафили сулҳу оромӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи кишвар мебошад. Ин аст, ки бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Ватани азизамон мунтазам пеш рафта, суботу амнияти мардуми кишвар таъмин мегардад.

Ректор дар давоми суханаш ҳамкориро бо намояндагони ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирии ҷиноятҳорӣ ва кирдорҳои номатлуб муҳим хонд.



Дар идома намояндагони ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми баромад дар бораи таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, иштироки ҷавонон дар корҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи муқаддасоти миллӣ ва давлатдорӣ андешаронӣ намуда, ҷавононро барои ҳифзи ин арзишҳои барои ҳар як нафари ҷомеа арзанда даъват намуданд.

Ҳамчунин, баромадкунандагон дар бораи хатарҳо будани пайвастшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ, оқилона истифода бурдани шабакаҳои интернетӣ, дурӣ ҷустан аз сомонаҳои ғайридавлатӣ, ҳифзи забон ва фарҳанг, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ва зӯроварӣ дар оила, тарғиботи ғайриқонунии динӣ бо ҳозирин суҳбат намуда, чандин моддаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба ҳозирин шарҳ доданд.

Ҳадаф аз гузаронидани чунин воҳӯриҳо пешгирӣ намудани ҳама гуна зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунию ҷиноятҳорӣ дар байни ҷавонон, бахусус донишҷӯён ва бартарафсозии омилҳои ба он мусоидаткунанда мебошад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# 30 СОЛИ ҲАМБАСТАГИИ ҶАВОНОН БО ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Тахти чунин унвон санаи 14-уми ноябр бо ташаббуси Раёсати донишгоҳ конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки меҳмонон аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва ҳайати профессорону устодони донишгоҳ баргузор гардид. Кори конференсияро мулӣ маҳз дар ҳамин иҷлосия бо ташаббуси Пешвои миллат қабул шуданд.

Баъдан, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ниёз Мирзоев бо маърузаи пурмухтаво баромад намуда, оид ба вазъияти мураккаби солҳои навадум, даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ, корномаҳои Пешвои миллат ва дастовардҳои Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ маълумот дод.

Намояндаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳу-




овини ректори ДДМИТ оид ба робитаҳои байналмилалӣ Фирӯз Қодиров оғоз намуда, иброз дошт, ки дар таърихи давлатдории навини тоҷикон Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи тақдирсоз буда, дар ташаккули Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон нақши ҳалкунанда бозидааст. Бузургтарин ҳодисаи ин Иҷлосияи таърихӣ интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат буд, ки ба сулҳи тоҷикон асос гузошт. Маҳз интихоби ин шахсияти бузург дар он шароити ҳассос умеде ба оянди дурахшон гардид.

Сипас мутахассиси пешбари Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Юсуф Ғаффорзода баромад намуда, қайд кард, ки дар таърихи ҳар халқу миллат шахсиятҳои бузурге ҳастанд, ки дар тақдири ин миллат нақши мондагор доранд ва номашон бо ҳарфҳои заррин дар саҳфаи рӯзгори миллат сабт мешавад. Бешак, дар таърихи тоҷикон ин шахсият Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо корномаҳои худ абадан номи худро дар зиндагиномаи инсоният сабт кардаанд. Дар ин Иҷлосияи тақдирсоз Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба сулҳи сартосарӣ дар Тоҷикистон асос гузоштанд. Санаду ҳуҷҷатҳои муҳимтарин ҷиҳати расидан ба ваҳдати милкумати Ҷумҳурии Тоҷикитон Далер Алиев дар баромади худ дар бораи мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат, сиёсати давлатии ҷавонон, дастгирии ҷавонон ва ташаббусҳои онҳо аз ҷониби Пешвои миллат, пайравии ҷавонон ба Пешвои миллат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори иқтисоди мамлакат андешаронӣ намуд.

Абдулло Давлатзода, сардори Раёсати корҳои тарбиявии ДДМИТ дар маърузаи худ таҳти унвони «Ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон дар давлатдории миллӣ. Аз Иҷлосияи 16-ум Шурои Олӣ то 30-солагии Иҷлосия» қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳони мураккаб ва кӯшишу талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат имкон дод, ки давлатдории миллии тоҷикон барқарор карда шавад. Қайд карда шуд, ки кашфиёти бузургтарини Иҷлосияи 16-ум ин интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат буд. Номбурда сабаби асосии муваффақ шудани Эмомалӣ Раҳмонро дар он мебинад, ки ӯ аз миёни халқ барои ҳифзи манфиатҳои халқ баромада буд. Маҳз ӯ тавонист тамоми нерӯҳоро муттаҳид кунад ва ба сарзамини Тоҷикистон сулҳ оварад.

Дар музокира дигар иштирокчиён низ фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

**Фаридун САФАРЗОДА**



# МУЛОҚОТ БАҲРИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ ВА СИЁСӢ

Санаи якуми ноябри соли равон бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино ва раёсати кор бо занон ва оилаи шаҳри Душанбе бо устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ баргузор гардид. Дар ҳамоиш Заррина Зухурова, сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе, Шаҳло Ҳасанзода, мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи ноҳияи Сино ва Гулчеҳра Раҳмонова, сардори шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Сино иштирок ва баромад намуданд.

Саравал муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ Бунавша Қодирова баромад карда, гуфт, ки кишвари мо бо мардуми саодатманди худ дар арафаи таҷлили 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ қарор доранд. Иҷлосияи тақдирсоз ва занҷиркушо дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ барои хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ замина ва дар ҳаёти зани тоҷик таъсири амиқ гузошт. Занону бонувон ба раванди таҳким бахшидани корҳои созандагию бунёдкорӣ фаъолона ворид гаштанд. Маҳз дар асоси қарорҳои ин Иҷлосияи таърихӣ занону духтарон тавонистанд собит намоянд, ки дар баробари рисолати модариву ҳамсарӣ, вазифаи роҳбариро низ метавонанд сарбаландона иҷро намоянд.

З. Зухурова, Ш. Ҳасанзода ва Г. Раҳмонова бошанд, дар тақвияти гуфтаҳои боло иброз доштанд, ки дар саршавии зуҳуроти ташвишовари имрӯза масъалаҳои тамоюли боловравии фарҳанги бегона миёни занон ва духтарон, пошхӯрии оилаҳо ва зӯроварии хонаводагӣ, гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятӣ дар натиҷаи пастшавии меъёрҳои ахлоқӣ ба миён меоянд. Чунин муаммоҳо метавонанд устувории ҷомеаро зери суол баранд.

Ҳамчунин, баромадкунандагон дар мавриди интихоби нодурусти ҳамсари оянда, истифодаи бемайлону бемақсади компютеру телефонҳо, дар бораи фарҳанги либоспӯшии духтарон ва риояи он аз тарафи донишҷӯдухтарон, эҳтироми калонсолон, хушёрии сиёсӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз андешаҳояшонро баён намуданд. Баргузории чунин чорабиниҳои тарбиявӣ барои донишҷӯён бисёр муфид буда, барои ташаккули маърифати оиладорӣ ва омодашавӣ барои ҳаёти мустақилона, тақвияти ташаккули маърифати ҳуқуқию сиёсӣ, ҳисси баланди меҳандӯстию хештаншиносӣ, пешгирӣ аз фарҳанги бегонапарастӣ мусоидат менамояд.

**Тағоймурод Эшзода**

Конститутсияи Тоҷикистон санади тақдирсоз, роҳнамо ва шаҳодатномаи халқи Тоҷикистон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

# АЗ ТАЪРИХИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баъди истиқлоли хешро эълон намудани ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ масъалаи тайёр ва қабул намудани конститутсия ба миён омад. Ҷумҳуриҳои назди Балтика - Латвия, Литва ва Эстония ҳанӯз соли 1992 конститутсияҳои худро қабул намуданд. Дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ, аз ҷумла Туркманистон - 18 майи соли 1992, Узбекистон - 8 декабри соли 1992, Федератсияи Россия - 12 декабри соли 1993, Молдова - 29 июли соли 1994, Қирғизистон - 5 майи соли 1995, Арманистон - 5 июли соли 1995, Гурҷистон - 24 августи соли 1995, Қазоқистон - 30 августи соли 1995, Озарбойҷон - 12 ноябри соли 1995, Украина - 28 июни соли 1996 ва Ҷумҳурии Беларус - 24 ноябри соли 1996 конститутсияҳои худро қабул карданд.

Баъди пош хӯрдани давлати Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлоли хешро эълон намуда, ба давлати мустақил табдил ёфт. Гузашта аз ин, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки соҳибистиқлолии пурра ва воқеии Тоҷикистонро бояд қонунӣ мегардонд, ин қабули конститутсияи нави Тоҷикистон буд. Аз ин лиҳоз, масъалаи таҳия намудан ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Ҷараёни тайёр ва қабул кардани конститутсияи ҳоло амалкунандаи Тоҷикистон якчанд марҳиларо дар бар мегирад.

Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон 24 августи соли 1990 Эъломияи Истиқлоли ҶШС Тоҷикистонро қабул намуд. Ҳангоми қабули ин ҳуҷҷати муҳим Тоҷикистон ба ҳайати Шӯравӣ дохил мешуд. Қабули эъломияи мазкур қадами аввалини омодасозии лоиҳаи нави Конститутсияи Тоҷикистон гардид. Дар иҷлосияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон моҳи августи соли 1990 Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд, ки он лоиҳаи Конститутсияи нави ҶШС Тоҷикистонро дар давоми як сол тайёр кард. Аммо бетартибиҳои моҳи августи соли 1991 ва пошхӯрии давлати Шӯравӣ сабаби ба таъхир андохтан ва қабул нашудани ин лоиҳаи Конститутсия гардид. Эълон шудани Истиқлоли Тоҷикистон боиси ба миён омадан, коркарди лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуд. Аз ин рӯ, 3-юми январи соли 1992 бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати Комиссияи конститутсионӣ тағйирот дароварда шуд. Гурӯҳи кории мазкур лоиҳаи нави Конститутсияро тайёр ва моҳи апрели соли 1992 ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 1992 лоиҳаи Конститутсияро маъқул дониста, онро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кард. Аммо оғози ҷанги шаҳрвандӣ







имкон надод, ки лоиҳаи Конститутсия аз тарафи халқ пурра муҳокима гардад. Бинобар ин, кор аз болои лоиҳаи Конститутсия қатъ гардид.

Минбаъд масъалаи аз нав тайёр кардани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйир додани ҳайати Комиссияи конститутсионӣ танҳо дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 ба миён омад ва бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати Комиссияи конститутсионӣ дар ин иҷлосия тағйир дода шуд ва раиси комиссияи конститутсионӣ Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. Аввалин маҷлиси комиссияи конститутсионӣ 4 сентябри соли 1993 барпо шуд, ки дар он ду гурӯҳи кории нав ташкил дода шуд. Моҳи апрели соли 1994 гурӯҳи корӣ ду шакли лоиҳаи Конститутсияро, ки яке аз он лоиҳаи конститутсия бо шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ ва дигаре бо шакли идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ буд, ба Комиссияи конститутсионӣ пешниҳод намуд. Дар натиҷа, лоиҳаи Конститутсия бо шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ маъқул дониста шуд. Бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Конститутсия барои интишор ва муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Ҳамин тариқ, лоиҳаи Конститутсия 21-22 апрели соли 1994 дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои расмӣ интишор гардид ва муҳокимаи он то моҳи июли соли 1994 давом кард. Дар Иҷлосияи нуздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21-22 июли соли 1994 баргузор шуд, лоиҳаи Конститутсия бо пешниҳоду таклифҳо муҳокима гардида, барои дар раъйпурсии 25 сентябр қабул гардиданаш қарори дахлдор ба тасвиб расид.

Баъдан, бо қарори Иҷлосияи 20-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994 муҳлати гузаронидани раъйпурсӣ то 6 ноябри соли 1994 тамдид карда шуд.

Рӯзи 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ бахшида ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 94,4 фоиз шаҳрвандон иштирок намуданд, ки 87,59 фоизи онҳо ба тарафдории қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданд.

Ҳамзамон, рӯзи 6 ноябри соли 1994 ҳамчун рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ботантана қайд карда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конститутсияи сифатан нав ва қабули он дар ҳаёти ҷумҳурӣ, дар ҳақиқат, воқеаи таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Ин ҳуҷҷати бо роҳи демократӣ қабулшуда ба ҳисоб рафта, Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ менамояд. Дар он шакли идоракунӣ, сохтори давлатӣ ва режими сиёсӣ муайян карда шуда, давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон муайян гардидааст. Хусусияти фарққунандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994), инчунин, дар он аст, ки он аввалин маротиба усули таҷзияи ҳокимиятро пешбинӣ карда, волоияти меъёрҳои қонуни асосӣ ва бартарияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муқаррар намудааст. Дар он аввалин маротиба сухан дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд меравад, ки барои конститутсияҳои пешина ин мафҳум бегона буд. Ҳамчунин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр ҷиҳатҳои демократӣ дорад.

Дар охир ёдовар мешавем, ки дар давоми 28 сол ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба бо тариқи раъйпурсӣ - 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Ин тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан барои мустаҳкам намудани ақидаҳои давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, волоияти худи меъёрҳои Конститутсия, волоияти қонун, адолати судии конститутсионӣ ва назорати судии конститутсионӣ, дахлнопазир эълон шудани ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ғайра равона карда шудааст.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва таҳкими давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллии кишвари азизамон воқеаи муҳимми сиёсӣ ба шумор меравад. Он таҳкимбахши оромии кишвар, сулҳу субот ва якдигарфаҳмии ҷомеаи имрӯза буда, барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

**Собир ҲАКИМОВ,**
**ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ**



# КОНСТИТУТСИЯ - БАЁНГАРИ МУСТАҚИЛӢ

Ҳар сол санаи 6-уми ноябр барои халқи тоҷик, як санаи таърихию фаромӯшнашаванда маҳсуб мешавад, чунки танҳо дар ҳамин рӯз бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва қабул карда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз панҷ маротиба - солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994 конститутсияҳо қабул намудааст. Конститутсияи имрӯза аз конститутсияҳои солҳои гузашта ба куллӣ фарқ карда, меъёрҳои он мустақиман амал намуда, ба стандартҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, санаи 10-уми декабри соли 1948 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ Эъломияи ҳуқуқи башар қабул гардидааст, ки иҷрои он барои ҳама давлатҳои аъзои СММ зарурӣ мебошад. Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд ва аз меъёрҳои Эъломияи ҳуқуқи башар сарчашма гирифтаанд. Зеро дар моддаи якуми боби аввали Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати иҷтимоӣ муаррифӣ гардидааст. Чунки тамоми табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакону наврасони ятиму бепарастор, оилаҳои камбизоат, пирони дастнигару бемор, маъюбон ва ғайра зери парасторӣ ва ғамхории хоси давлат қарор доранд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста талош мекунанд, ки сатҳу сифати зиндагии халқ баланд гардида, Тоҷикистон боз ҳам ободтар бошад.

Ин санад дар таърих ба унвони Конститутсия эҷод гардид ва то имрӯз ҳамчун санади асосӣ шинохта мешавад. Ҳарчанд қаблан мо дорои чунин санад будем, аммо он ҷавобгӯи ҳадафҳои давлату миллат набуд ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон зарурати ба низом даровардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати тоҷиконро ба миён овард. Масалан, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ расман эълон гардид ва рамзҳои давлатӣ муқаддасот шинохта ва эътироф шуданд. Мутобиқи ин талаботи Конститутсия коргузорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сабти аснoди шаҳрвандӣ ва дигар муносибатҳои меҳнатӣ бо забони давлатӣ сурат мегиранд.

Афзалияти дигари ин санад таҳияи боби алоҳида оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аст ва бори аввал мафҳуми инсон дар чаҳорчӯбаи қонуни асосии давлат баррасӣ ва эътироф гардид. Мутобиқи Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳаматарафа ҳимоя карда мешаванд ва давлат ба ин кафолат медиҳад. Аз тарафи дигар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки риояи ҳама талаботи ин санад зарур мебошад, яъне шаҳрвандон дар ҳама ҳолат бояд талаботи Конститутсияро риоя намоянд. Дар вақти риоя накардани талаботи он мутобиқи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ муайян карда мешавад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофу эҳтироми арзишҳои миллӣ, расму оинҳо дар раванди пуртазоди ҷаҳонишавӣ омили воқеии пойдорӣ ва таҳкими истиқлол арзёбӣ гардидааст.

Воқеан ҳам, дар ҷомеаи суннатӣ, ки асрҳо бо анъанаоти вижа шакл гирифтааст, таъмини низоми одилона ва устувор дар пояи меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Чунин низомро маҳз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукми як санади асосӣ бо шинохт ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ рисолати воқеии худ қарор додааст. Он тамоми самтҳои фаъолияти давлату давлатдориро танзим намуда, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандонро зери ҳимоя гирифтааст. Муҳимтар аз ҳама, роҳнамои барои имрӯзу фардои давлату миллат. Чун бахтномаи сарнавиштсоз моро ҳифз мекунад ва мебарад сӯйи оянда неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Хулоса, бо эътимоди комил метавон изҳор намуд, ки 28-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни мубораки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносии миллӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори ватандории ҳар фарди бонангу номус неруи тоза мебахшад. Аз ин лиҳоз, ба мо лозим аст, то ба қадри истиқлолу озодии давлати мустақил, соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромиву осудагии шаҳрвандони мамлакати худ бирасем.

**Ислом КАЛАКОВ,**
**устоди кафедраи андоз ва андозбандӣ**

# БОБОҶОН ҒАФУРОВ
## ОЛИМИ ТАВОНО ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТӢ

**(Давомаш, аввалаш дар шумораи гузашта)**



Таърихи башар шахсиятҳоеро меофарад, ки на танҳо тамоми асрори ин ё он илмро фаро мегиранд, балки марзҳои онро фарох ва хазинаи онро ғанӣ мегардонанд. Бобоҷон Ғафуров аз зумраи ҳамин шахсиятҳо буда, дар радифи намоёнтарин олимони ҷаҳон қарор дорад ва барои рушди илми шарқшиносии ҷаҳонӣ ва таърихи Шарқ хизматҳои сазовор кардааст. Боварӣ дорам, ки ормонҳои воло, ғояҳои наҷиб, саъю кӯшишҳои ватанпарастона ва ҷонбозиҳои миллатдӯстонаи Бобоҷон Ғафуров дар роҳи рушду нумуи илму маърифат машъали роҳнамойи ҳар як фарди бедордили кишвар хоҳад гардид.

Халқи тоҷик давраи душвор, пурмашаққат ва пур аз маҳрумияти ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуда, имрӯз ба сулҳу салоҳ ва ваҳдату ҳамдигарбахшӣ расид. Бо вуҷуди ин, хатари нобудшавии миллати тоҷик ва давлату давлатдории тоҷикон ҳанӯз аз байн нарафтааст. Бадхоҳони миллати мо дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми Тоҷикистонро чашми дидан надоранд. Мо бояд ба хатоҳои гузашта роҳ надиҳем, дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунем, ойини дӯстию бародархондагии халқҳоро риоя намоем ва расму равиши ҳамсоягиро пос дорем.

Қувваҳое буданд ва ҳастанд, ки ҳамсоягиву робитаи дӯстонаи халқҳои тоҷику узбекро халалдор кардан мехоҳанд, байни онҳо нифоқу кина меангезанд ва мехоҳанд бо ҳамин роҳ ба муроди худ расанд. Вале онҳо сахт иштибоҳ мекунанд. Зеро дӯстии халқҳои тоҷику узбек якрӯзаву дурӯза нест, балки аз имтиҳони садсолаҳо гузашта, ба ҳамхуниву хешутаборӣ табдил ёфтааст. Рӯҳи поки Бобоҷон Ғафуров онҳоеро, ки садди роҳи муносибатҳои неки ин ду халқи ҳамсояву ҳамқисмат мегарданд ва дар ҳаққи Ватану миллат хиёнат мекунанд, ҳаргиз намебахшад.

Мо имрӯз ба марҳилаи нави давлатдории худ - марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ қадам гузоштаем. Бе давлати тавонои соҳибистиқлол ва миллати тифоқу пешрафта, бе иқтисодиёту иҷтимоиёти тараққикарда ва эҳёи илму фарҳанг, бе неруи тавонои низомию сарҳадӣ, ҳалли муаммои соҳаҳои илму фарҳанг ва дигар мушкилоти мавҷудаи ҷомеа мо наметавонем, ки дар ҷаҳони пурмоҷарои имрӯза мавқеи устувор дошта бошем. Ҳар фарди бедордиле, ки нангу номус дорад ва қисмати миллату сарзамини аҷдодӣ барояш азиз аст, бояд дар марҳилаи созандагию бунёдкорӣ барои пешрафти Ватан, миллат ва ҷумҳурии соҳибистиқлол саҳми муносиб гузорад.

Истиқлолиятро ба даст овардан ҳанӯз кам аст. Онро ҳифз намудан, пуштибонӣ кардан, ҳамчун арзиши болотарини давлату давлатдорӣ пос доштан ва барои афзойиши иқтидору пойдории он пайваста талош варзидан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад. Асри XXI дар пешорӯйи ҳар фарди бонангу номуси ҷумҳурӣ вазифаҳои нав ва масъулияти басо бузург мегузорад. Мо бояд дар сафи давлатҳои пешрафтаи олам ҷой гирифта, бо симои миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва дастовардҳои иқтисодӣ мақоми арзанда пайдо кунем. Имрӯз фурсати он расидааст, ки мо ба қадри истиқлолият, давлату давлатдории миллӣ, ба қадри Ватану ватандорӣ, сулҳу созиш ва ваҳдати миллӣ бирасем. Заҳмати ҳалол ва созандагию ободониро пешаи худ созем, барои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ақлу дониш ва неруи худро дареғ надорем. Барномаи стратегии давлатро дар роҳи истиқлолияти озуқавию ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, сохтани роҳи оҳану роҳҳои нави мошингард, бунёди фурудгоҳҳои байналмилалӣ, истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва боло бурдани иқтидори саноатии мамлакат дар ҳаёт татбиқ намоем.

Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги аҷдодӣ ва ниёгони сарбаланди хеш барои ҳар як фарди ҷомеа бояд меъёри доимии зиндагӣ гардад. Имони комил дорам, ки ақлу заковат, таҷрибаи роҳбарӣ, меҳри беандоза нисбат ба Ватану миллат ва мероси гаронбаҳои илмии Бобоҷон Ғафуров ба ватанпарастони воқеӣ, ба наслҳои имрӯзу фардои миллат, ба созандагони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистони азизамон илҳому неруи тоза хоҳад бахшид.

Бигузор дӯстону душманони Тоҷикистон донанд, ки миллати тоҷик аз таърих сабақи омӯзанда гирифтааст ва дар оянда фирефтаи ҳеҷ қувваи бадхоҳе нахоҳад шуд. Дар ин роҳ моро рӯҳи Исмоили Сомонӣ ва даҳҳо бузургмардони миллат - Рӯдакӣ, Ибни Сино, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва амсоли онҳо мададгор хоҳад шуд.

Бигузор рӯҳи Бобоҷон Ғафуров шод бошад ва моро ба ватандӯстиву худшиносии миллӣ ҳидоят намояд.

### II. ОЛИМИ ТАВОНО ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТӢ

Фарзанди фарзонаи миллати тоҷик ва ходими барҷастаи сиёсиву давлатӣ академик Бобоҷон Ғафуров барои пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги тоҷик ва шарқшиносии ҷаҳон саҳми фаромӯшнопазир гузошта, барои хизматҳои бузург ва заҳмату талошҳои содиқонааш дар роҳи шинохти асолати миллии халқи тоҷик ва муаррифии арзандаи тоҷикон дар арсаи ҷаҳон ба унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сазовор гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров аз миёни ходимони давлатӣ ва арбобони илми тоҷик дар баробари муайян ва собит намудани мақому манзалати таърихиву дастовардҳои арзишманди давлатдории тоҷикон дар тарғиби илму фарҳанги Машриқзамин дар арсаи ҷаҳонӣ ба пояи баланд расид. Ӯ тамоми ҳаёти худро сарфи таҳқиқу омӯзиши таърихи давлатдории миллати куҳанбунёди тоҷик намуда, дар тӯли фаъолияти пурбаракати хеш на фақат таърихи комили тоҷиконро ба вуҷуд овард, балки дар таҳқиқи таърихи бисёр халқҳои Машриқзамин низ саҳми арзанда гузошт. Фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров, ки аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз шудааст, тадриҷан хеле густурда ва фарох гардида, масоили мухталифи таърихи қавму миллатҳои Машриқзамин, зиндагӣ ва осори мутафаккирони бузурги Шарқ, рушди илми шарқшиносӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Бобоҷон Ғафуров ҳамчун ходими дурандеши давлатӣ, сиёсатмадори барҷаста ва олими тавоно ба шарофати донишу хиради фавқулода, маҳорати баланди ташкилотчигии худ дар ташаккули ҳаёти нав ва пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон хизмати бесобиқа кардааст. Бобоҷон Ғафуров дар давраи пур аз тазод ва муборизаҳои шадиди сиёсиву илмӣ, яъне дар солҳои мураккабу тақдирсози 30-юми асри гузашта, ки ҳазорон зиёиёну равшанфикрон таъқибу бадарға гардида, ҳазорҳо нафари дигар тарки Ватан карда буданд, бо ҷасорати сиёсиву илмӣ дар паҳлуи устод Садриддин Айнӣ истода, барои ҳифзи номи неки миллати тоҷик, аз таҳрифи бадқасдона ҳимоя кардани таъриху фарҳанги пурғановати он қарзи фарзандии худро дар назди халқу Ватани азизаш сарбаландона адо намуд. Ӯ дар мақоми роҳбари аввали ҳизбии Тоҷикистон на танҳо барои рушду ободии ҳамаҷонибаи он ҳадафмандона кӯшишу талош намуд, балки «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва шоҳасари таърихии «Тоҷикон»-ро таълиф намуда, бо ҳамин иқдоми худ мактаби илмӣ ва суннати таърихнигории муосири тоҷикро бунёд гузошт.

**(Давом дорад)**
**Аз китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Эмомалӣ Раҳмон**

## ДОНИШҶӮ ДОНИСТАН МЕХОҲАД

**САВОЛ: Шиносномаи донишҷӯе, ки аз ноҳияи дурдаст ба донишгоҳ дохил шуда, айни ҳол дар хобгоҳ истиқомат дорад, дар куҷо бояд ба қайд гирифта шавад?**

**ҶАВОБ МЕДИҲАД: сардори шуъбаи дуюм ва бақайдгирии шиносномаҳои донишҷӯён Умеда Болтаева:**



Мутобиқи моддаи 469-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бе шиноснома маскун будани шаҳрвандоне, ки бояд шиносnoма дошта бошанд ё бо шиносномаи беэътибор, инчунин бидуни қайд зиндагӣ кардан ба андозаи аз як то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Аз ин рӯ, бо мақсади риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳиятҳои вазифавӣ кормандони шуъбаи дуюм ва бақайдгирии шиносномаҳои донишҷӯён донишҷӯёнеро, ки аз ноҳияҳои дурдаст ба донишгоҳ дохил шуда, айни ҳол дар хобгоҳ истиқомат доранд, шиносномаашон муваққатан дар суроғаи донишгоҳ ба қайд гирифта мешаванд. Ин кор тибқи тартибот дар асоси фармоиши қабул, маълумотномаи садорати факултет ва варақаҳои шаклҳои №12 ва №16 то даври таҳсил сурат мегирад.

**САВОЛ: Кадом гурӯҳи донишҷӯён ҳуқуқи гирифтани стипендияро доранд?**

**ҶАВОБ МЕДИҲАД: сармутахассиси раёсати таълим Бахтиёр Бурҳонов:**



Бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳҳои гуногуни ҳавасмандкунии донишҷӯён мавҷуданд. Яке аз чунин шаклҳои ҳавасмандкунӣ ин додани стипендия ба донишҷӯён мебошад. Тартиби пардохти стипендияи донишҷӯён дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти стипендия ба донишҷӯён, аспирантон ва докторантон аз рӯи ихтисос, докторантон ва постдокторантон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва илмию таҳқиқотӣ» аз 31 майи соли 2019 №273, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи муқаррар намудани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.

Тибқи тартиби муайяншуда танҳо донишҷӯёни гурӯҳҳои буҷавӣ, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунанд, ҳуқуқи гирифтани стипендияро доранд. Стипендияи давлатии академӣ дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) дар як соли таҳсил ду маротиба (барои ҳар як даврaи академӣ) бо дар назар доштани дастовардҳои таълимии донишҷӯён ҳангоми азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо, соҳиб гардидани рейтинги баланди академӣ, натиҷаҳои назарраси илмию таҳқиқотӣ ва иштироки фаъолонаи ӯ дар корҳои ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таъин ва пардохт карда мешавад.

Стипендияи давлатии академӣ барои донишҷӯёни курси 1 аз даврaи академии якум аз рӯи натиҷаи баҳои дар имтиҳони дохилшавӣ гирифтаи онҳо бо тартиби муқарраршуда таъин карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки барои донишҷӯёни ятиму бепарастор, маъюбони гуруҳҳои 1 ва 2 стипендияи давлатии академӣ новобаста аз натиҷаи таҳсил пардохт карда мешавад.

**САВОЛ: Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ чист ва он чӣ тавр гузаронида мешавад?**

**ҶАВОБ МЕДИҲАД: сардори шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДМИТ Шуҳрат Сулаймонзода:**

Таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯён тибқи нақшаи таълимӣ ва мутобиқи банди 63-юми Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои Низомномаи низоми кредитии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Ҷузъи муҳими иҷро намудани талаботи нақшаи таълим аз рӯи самт ё ихтисосҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзӣ муқаррар карда шуда, бевосита дар давоми соли таҳсил дар баробари ба анҷом расидани даври академӣ бо мақсади татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал ташкил ва гузаронида мешавад. Пеш аз оғози таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ донишҷӯён объекти таҷрибаомӯзии пешаздипломиашонро бо мавзуъҳои рисолаҳои хатми тахассусӣ мувофиқ намуда, бо маводи зарурӣ, аз ҷумла барномаи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ дар шакли электронӣ ва чопӣ аз рӯи тахассус, рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, супоришҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, нақшаи тақвимӣ - мавзуӣ ва бо роҳхат барои сафарбар кардан ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ таъмин карда мешаванд.

Ташкил ва самаранокии даврaи таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ таҳти назорати доимии раёсати донишгоҳ қарор дошта, баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмадонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ ва иҷрои банди 27-и пайнавишти маҷлиси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели 2010 бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён, шартномаҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва 139 вазорату муассисаҳои бонкӣ, молиявӣ, корхонаву идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои хусусӣ ба имзо расонида шуда, феҳристи объектҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ДДМИТ аз тарафи бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият таҳия гардида, ба кафедраҳои тахассусӣ дастрас гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки тибқи нақшаи таълимии тасдиқшуда донишҷӯёни курсҳои 4-уми шуъбаи рӯзона, 4-уми таҳсилоти фосилавӣ ва 3-юми таҳсилоти олии дуюм, ки нақша ва барномаҳои таълимиро пурра аз худ намудаанд, бо фармоиши ректори донишгоҳ барои гузаштани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ дар соли таҳсили 2022-2023 аз 13 апрели соли 2023 то 24 майи соли 2023 сафарбар карда мешаванд.

**САВОЛ: Реҷаи даромадан ва баромадан дар хобгоҳи донишҷӯён чӣ гуна аст ва барои вайрон кардани ин тартиб чӣ муҷозот муқаррар шудааст?**

**ҶАВОБ МЕДИҲАД: коменданти хобгоҳи №1 Зуҳур Мухторов:**



Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки хобгоҳ барои донишҷӯ хона аст ва масъулини хобгоҳ тӯли истиқомат донишҷӯ дар хобгоҳ мисли аъзои оилаи ӯ мешаванд. Кормандони хобгоҳ низ пайваста кӯшиш менамоянд, то донишҷӯ аз хонаи падару модар дур будани худро камтар эҳсос кунад.

Албатта, ҳар муассиса тартиботи дохилии худро дорад ва хобгоҳи донишҷӯён низ истисно нест. Яке аз талаботи ҳатмӣ ин риояи реҷаи хобгоҳ аст. Тибқи реҷаи муайяншуда донишҷӯён аз соати 6-и субҳ метавонанд бароянд ва то 20-и бегоҳ метавонанд ба хобгоҳ ворид шаванд. Дар ҳолати вайрон кардани ин реҷа дар иҷозатномаи донишҷӯй муҳр бо ишораи сана ва соати вайрон кардани реҷа зада мешавад. Агар шумораи чунин вайронкунии тартибот се маротиба шавад, волидони донишҷӯ огоҳ карда мешаванд ва ба ректори донишгоҳ пешниҳод барои ихроҷи донишҷӯ аз хобгоҳ пешкаш карда мешавад. Такроран иброз медорам, ки бе огоҳии волидон ва розигии раёсати донишгоҳ донишҷӯ аз хобгоҳ ихроҷ карда намешавад.

Дар давоми 30 соли охир дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи гуногуни истеҳсолӣ бунёд гардидааст.



# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН- ЭҲЁГАРИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Тахти чунин унвон бахшида ба таҷлили 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 15 ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамоиши илмию сиёсӣ дар сатҳи баланд баргузор гардид, ки дар он раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Сино Зарина Файзуллозода иштирок намуд.

Чорабиниро бо сухани шодбошӣ ректори таълимгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода ифтитоҳ намуда, дар бораи аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истода гузашт ва иброз дошт, ки ҳарчанд дар бораи ин иҷлосия олимону коршиносон ва шахсиятҳои гуногун китобу мақолаҳои бешумор навиштаанд ва менависанд, аммо ин падида дар таърихи тамаддун ва давлатдории навини тоҷикон тахти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тақдири миллати куҳанбунёди мо нақши тақдирсоз гузошт ва дар қатори барҷастатарин санадҳои таърихии миллатамон то абад боқӣ хоҳад монд.

- Ҷонибдории халқи кишвар аз сиёсати роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишонаи садоқат ва меҳру муҳаббати мардум ба ин фарзанди фарзонаи миллат маънидод мегардад. Зеро Роҳбари хирадманду саодатпеша муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ба як кишвари воҳид табдил додани Тоҷикистон ба дили мардум умед бахшид ва, дар ҳақиқат, он оғози давлатдории навин буд. Гузашти вақт собит намуд, ки вакилони Шурои Олӣ аҳаммияти якпорчагии давлат ва ягонагии миллати тоҷикро ҷиддан дарк мекарданд, - гуфт ректор ва нақши ин иҷлосияро дар таҳким ва рушди давлатдории тоҷикон, истиқлоли воқеӣ, якпорчагии он, ваҳдати миллӣ, амалигардии ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ муҳим арзёбӣ кард.

Ҳ. Абдуалимзода дар бораи маҳорату истеъдоди роҳбарӣ ва шахсияти баланди Эмомалӣ Раҳмон сухан гуфта, аз корномаҳои Сарвари давлати тоҷикон, ки равандҳои марказгурезию минтақагароиро барҳам заданд ва давлатро аз фаноёбӣ наҷот бахшиданд, ёдовар шуд. Ин корномаи Пешвои миллатро ба фаъолияти президентҳо, ба мисли Авраам Линколн, Отатурк ва дигарон қиёс карда.

Сипас Зарина Файзуллозода баромад карда, ҳозиринро бо ин ду ҷашни бузург муборакбод намуда, дар бораи муҳиммияти Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳояшро баён дошт. Мавсуф қайд намуд, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳо ва баҳсҳои тӯлонӣ иҷлосия тавонист, ки қарорҳои тақдирсоз ва муҳимми таърихиро қабул намояд. Муҳимтарин дастоварди иҷлосия тантанаи қонун ва бо роҳи мусолиҳатомез ҳаллу фасл кардани тамоми масъалаҳои иҷтимоию сиёсии кишвар ба шумор меравад. Бешубҳа, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи комилан нави сиёсӣ буда, дар таърихи миллати тоҷик саҳифаи наверо боз намуд. Ин иҷлосия бақои давлатро таъмин намуда, дастгоҳи нави давлатиро, ки омили пешрафту тараққиёти ҷомеа мебошад, рӯйи кор овард. Аз ин рӯ, ин иҷлосия ҳамчун таҳкурсии асосии давлатдории Тоҷикистон дар дохилу хориҷи мамлакат эътироф гардид.

Дар идома З. Файзуллозода аз корномаи Пешвои миллат ёдовар шуда, дар гирди Сарвари давлат муттаҳид гардидани аҳли ҷомеаро барои таҳкими давлат ва пояҳои истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ зарур шуморид.



Сипас Асадулло Муллоҷонов дар мавзуи «Хотираи таърихӣ ва нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ» баромад намуда, иброз дошт, ки барои насли ҷавон Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ба ҳукми таърих даромадааст ва ёд намудани он нишоне аз худшиносии миллӣ буда, барои таҳкими хотираи таърихӣ заминагузор аст. Ӯ аҳаммияти таърихӣ ва калидии ин иҷлосияро дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ ва оғози давраи нави давлатдорӣ муҳим арзёбӣ намуд. А. Муллоҷонов ҳамчун таърихнигор аз моҳият ва муҳтавои асари безаволи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Чеҳраҳои мондагор» сухан гуфта, ба донишҷӯён тавсия дод, ки онро мутолиа намуда, аз зиндагиномаи ниёгони бузурги худ бархӯрдор бошанд.

Дар музокира Абдулло Давлатзода баромад намуда, ин ду ҷашни таърихиро барои аҳли нишаст муборакбод ва таҷлили онҳоро нишонаи арзи эътиқоду эҳтироми мардум ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маънидод кард.

Чорабинӣ дар фазои тантанаи ватандӯстӣ ва эҳсоси худшиносии миллӣ ҳусни анҷом пазируфт.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# ДДМИТ ҒОЛИБИ ФЕСТИВАЛИ ДӮСТИИ ҶАВОНОНУ ВАРЗИШГАРОН



15-уми ноябри соли ҷорӣ дар Кохи Суруши шаҳри Душанбе маросими ҷамъбаст ва қадршиносии ғолибон ва ҷоизасупории 3-юмин Фестивали дӯстии ҷавонону варзишгарони шаҳри Душанбе таҳти унвони «Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст!» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти тантанавӣ баргузор гардида, ғолибони мусобиқаҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадршиносӣ шуданд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ муовини раиси шаҳри Душанбе Дилшод Одиназода, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Собиров, сардорони сарраёсату раёсатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва роҳбарони донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷу омӯзишгоҳҳои шаҳри Душанбе иштирок доштанд.

Бояд қайд кард, ки бо таваҷҷуҳ ва роҳнамоиҳои Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ин чорабинӣ дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Дар давоми 18 рӯзи баргузории фестивал аз рӯйи 7 намуди варзиш, аз ҷумла футбол, волейбол, баскетбол, тенниси рӯйи миз, шоҳмот, гӯштини миллӣ ва варзиши сабук мусобиқаҳои варзишӣ баргузор гардида, дар умум, 2324 нафар барои иштирок дар кори он сабти ном карда, дар натиҷа 237 нафар ғолиб дониста шуда, дар макони баргузории чорабиниҳо қадрдонӣ гардиданд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ҳама намуди мусобиқаҳои варзишӣ варзишгарони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷумла, дар намуди гӯштини миллӣ дар вазнҳои гуногун 4 нафар донишҷӯи донишгоҳ бо рақибони худ қувваозмоӣ намуда, сазовори ҷойҳои намоён шуданд (1 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм ва 1 ҷойи сеюм).

Боиси хушнудист, ки аз намуди гӯштини миллӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии ҳудуди пойтахт сазовори ҷойи 2-юм гардида, бо Диплом ва туҳфаи хотиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуд.

Ҳамзамон, ректори донишгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таъмини иштироки фаъолонаи дастаи варзишгарон дар фестивали мазкур бо Сипосномаи кумитаи тадорукот қадрдонӣ гардид.

Дар охири чорабинӣ бахри болидахотирии аҳли нишаст барномаи фарҳангӣ-фароғатии саршор аз суруду таронаҳои ҷанбаи меҳандӯстидошта манзури иштирокчиён гардонида шуд.

Дастоварди навбатии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба кулли устодону донишҷӯён муборак бошад!

**Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА**







# ҲАМОИШИ БОЗГӮИ ЭҲТИРОМ БА ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ







«Дар ҷаҳони муосир Парчами давлатӣ ин нишонаи истиқлолият, яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, яъне давлати муосир тавассути парчами он муаррифӣ мегардад». Ин нукта 23 ноябр дар суханронии ректори ДДМИТ Ҳакимбек Абдуалимзода зимни таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ таъкид гардид. Ректор саравval аҳли толорро бо ин санаи муҳим муборакбод намуда, қайд кард, ки парчам муаррифгари ҳар давлат буда, аз рӯйи он кишварро ба расмият мешиносанд.

- Парчами давлатӣ нишонаи бақои миллат, давлат, ваҳдату ҳувияти миллӣ ва яке аз беҳтарин василаҳои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандорӣ, ифтихор аз миллати хеш ва ҳифзи арзишҳои волои таърихию фарҳангии халқамон мебошад, - гуфт ректор.

Мавсуф ба таърихи парчамдории халқи тоҷик руҷуъ намуда, афзуд, ки дар таърихи тамаддун ва фарҳанги бою қадимии давлатдории тоҷикон парчам ва парчамдорӣ таърихи ҷолибу тӯлонӣ дорад. Ӯ аз шакли парчами Коваи оҳангар, парчами давраи шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ ёдрас шуд. Ҳамзамон, рангҳои Парчами давлатиро тафсир намуда, гуфт, ки ранги сурх - рамзи мубориzаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед - нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз - нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, - таъкид дошт ректор.

- Ҳар яки мо бояд зери Парчами давлатӣ сарҷамъу муттаҳид гардида, баҳри ободию шукуфоии сарзаминамон - Тоҷикистон саъю талош намоем, - гуфт дар ҷамъбаст Абдуалимзода Ҳ.

Баъдан озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамъбаст гардида, ғолибон бо Диплом, мукофотпулӣ ва Ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Дар баробари ин, чандин дастовардҳое, ки аз ҷониби устодону донишҷӯён дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба даст оварда шуда буданд, муаррифӣ ва соҳибони онҳо бо Ифтихорномаи ДДМИТ қадрдонӣ карда шуданд, ба мисли Юнусов А., директори Китобхонаи илмии донишгоҳ барои ишғоли ҷойи дуюм дар озмуни ҷумҳуриявии “Китобхонаи беҳтарини сол”, Пиримова Ш., донишҷӯи курси 4, факултети ҳисобдорӣ ва омор барои ишғоли ҷойи сеюм дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” бо Диплом ва мукофотпулӣ, Қурбонов С., барои ишғоли ҷойи аввал дар мусобиқаи Осиё оид ба вазнбардорӣ бо Диплом.

Ҳаваскорони шуъбаи фарҳанги донишгоҳ - Қурбонов Т., Муҳаммадиева Г., Шарипов Д., Мунисаи Ҳамрохон барои фаъолияти пурсамари фарҳангӣ бо Ифтихорномаи донишгоҳ сарфароз гардонида шуданд.

Дар идома Гулчеҳра Муродова, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ баромад намуда, барои ташкили озмуни «Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба раёсати ДДМИТ изҳори сипос намуда, онро барои тақвияти маърифати ҳуқуқии донишҷӯён таъсирбахш номид.

Дар охир барои фароғати ҳозирин барномаи шавқовари фарҳангӣ пешкаш гардонида шуд, ки фарогири рақсу сурудҳои ватандӯстона ва саҳначаи ҳаҷвӣ аз ҳаёти донишҷӯён буда, барои густариши худшиносии миллии иштироккунандагон мусоидаткунанда буд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**












# ВАРЗИШ - МУАРРИФГАРИ ДАВЛАТ

## Ё ДАЛЕРӢ КУН, КИ МАЙДОН АЗ ДАЛЕР АСТ!

Имсол барои намояндагони кулли соҳаҳо дар донишгоҳ соли бобарор буд, махсусан, ба варзишгарон. Чандест, ки варзишгарони мо пайи ҳам дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад карда, ғолибият ба даст меоранд ва номи Тоҷикистону донишгоҳро баланд мебардоранд. Албатта, дар ин пирӯзиҳо саҳми мураббиёни ин варзишгарон – коллективи омӯзгорони кафедраи варзиш ва мудофиаи граждании донишгоҳ кам нест, зеро маҳз бо роҳбарӣ ва дастури эшон ин музаффариятҳо ба даст меоянд.

Тавре Айниддинов Ибодулло, мудири кафедраи варзиш ва мудофиаи граждании ҳангоми суҳбат ба мо изҳор дошт, дар кафедра 8 нафар омӯзгор кор мекунанд ва ҳар кадоми онҳо мутахассиси соҳаҳои алоҳидаи варзиш мебошанд. Масалан, Айниддинов Ибодулло, оид ба гӯштини миллӣ ва самбо, Шокиров С., мутахассиси футбол, Азизқулов Б. - бокс, Сафаров М. – волейбол, Сафаров Қ. – варзиши сабук, Эламонов Т. – мураббии шохмот, Саидов М. – мураббии гӯштини самбо мебошанд.

- Натиҷаи тамринҳои пайваста ва ҷиддӣ бо ҳар як варзишгар буд, ки намояндагони донишгоҳ дар мусобиқаҳо дастболо мегарданд. Яке аз дастовардҳои охирони мо ин дар Фестивали дӯстии ҷавонону варзишгарони шаҳри Душанбе таҳти унвони «Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст!», дастаи ДДМИТ аз рӯйи варзиши гӯштини миллӣ дар байни 16 муассиса ҷойи дуюмро гирифт, ки ин натиҷаи беҳтарин маҳсуб меёбад, - мегӯяд Айниддинов И.

Мавсуф ҳангоми суҳбат аз дастгирию кумакҳои раёсати донишгоҳ изҳори миннатдорӣ намуда, афзуд, ки донишгоҳ ду толори варзишӣ ва як майдонча дорад ва тамоми шароитҳо барои тамрину машғулиятҳо муҳайёст. Натиҷаи ин дастгириҳост, ки донишҷӯёни мо дар мусобиқаҳо дастболоянд. Ҳайати омӯзгорони кафедра аз ҳар як ғолибияти шогирдҳо баҳра мегиранд, зеро он натиҷаи меҳнати мо низ ҳаст, гуфт дар охир И.Айниддинов.

Инак, натиҷаҳои бадастомадаи варзишгаронро худ қазоват намоед:

Дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба вазнбардорӣ миёни ҷавонон ва калонсолон, ки рӯзҳои 25-31-уми октябри соли равон дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон баргузор гардид, донишҷӯи курси 2-юми факултети молия ва қарзи ДДМИТ Сафармуҳаммад Қурбонов дар вазни 67 кг бо бардоштани 80 кг якзарба ва 105 кг дузарба (штанга) миёни ҷавонони то синни 20-сола ширкат намуда, сазовори ҷойи аввал гардид. Номбурда бо Дипломи дараҷаи 1, медал ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-ум то 30-юми октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе мусобиқаи Осиё оид ба муҳорибаи омехтаи ғайрикасбӣ миёни ҷавонони то 25-сола баргузор гардид. Дар он 130 варзишгар аз 20 кишвари Осиё ширкат варзиданд.

Хушбахтона, дар ин чорабинии сатҳи баланд донишҷӯи курси 4-уми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии донишгоҳ Воҳид Зоҳидзода аз рӯйи риштаи муҳорибаи омехтаи ғайрикасбӣ ҷойи 1-умро ишғол намуд.

Ҳамзамон, бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш рӯзҳои 22-23-юми октябри соли равон дар ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштини миллӣ (гӯштингирӣ) миёни ҷавонони солҳои таваллудашон 2001-2003 бахшида ба гиромидошти хотираи устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ Меҳробҷон Одинаев баргузор гардид. Дар он донишҷӯёни мо низ иштироки фаъолона дошта, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Аз ҷумла, Пайрав Салимов, донишҷӯи курси 2-юми факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар вазни 55 кг ва Фаридун Миршарифов, донишҷӯи курси 4-уми факултети ҳисобдорӣ ва омор дар вазни 71 кг сазовори ҷойҳои 2-юм ва бо Диплом ва туҳфаҳо сарфароз гаштанд.






Донишҷӯи курси дувуми факултети ҳисобдорӣ ва омор Баҳодур Ҷӯраев бошад, дар мусобиқаи гӯштини миллӣ дар вазни 60 кг, ки дар доираи Фестивали дӯстии ҷавонону варзишгарони шаҳри Душанбе таҳти унвони «Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст!» санаи 30-юми октябр баргузор гардид, сазовори ҷойи сеюм шуд.

Дар ин чорабинӣ, ки аз 28 октябр то 14 ноябри соли ҷорӣ доир гардид, устодону донишҷӯёни донишгоҳ бо дастовардҳои варзишии худ фаъолона иштирок намуданд.

Фестивал миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, кисмҳои ҳарбию низомӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳудуди шаҳри Душанбе аз рӯйи 7 намуди бозиҳои миллӣ-варзишӣ роҳандозӣ карда шуд.

Мо тамоми варзишгарони ғолибро ба пирӯзиҳояшон табрик гуфта, дар хоҳиш ва фаъолияти минбаъдаи варзишиашон музаффариятҳои навро таманно мекунем.

# АБДУМУХТОР УРУНБОЕВ:

## «САОДАТИ РӮЗГОР БА ВАТАН ВА ПАДАРУ МОДАР СОДИҚОНА ХИЗМАТ НАМУДАН АСТ!»



*Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-методии дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ Абдумухтор Урунбоев солҳои тӯлонӣ ба омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон бахшида шудааст. Номбурда муаллифи зиёда аз 70 мақолаи илмӣ-методӣ ва васоити таълимӣ мебошад.*

*Солҳои охир Абдумухтор Урунбоев дар бораи омӯзиши бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ ва ташкили музди меҳнат корҳои тадқиқотӣ мебарад. Ӯ омилҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳоеро, ки ба бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад, муайян кардааст.*

Лозим ба ёдоварист, ки Абдумухтор Урунбоев 18-уми ноябри соли 1946 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд таваллуд шуда, 76-сола аст ва беш аз 50 соли онро фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ташкил медиҳад. Бо истифода аз фурсат, бо эшон атрофи масоили гуногуни рӯзмарра мусоҳиба оростем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагони нашрия менамоем:

**Ҷолибтарин лаҳзаи ҳаёти хешро метавонед бо як ҷумла ҷамъбаст намоед?**

- Ман соли 1964 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 1969 онро бо дипломи аъло хатм кардам. Сипас, ба шуъбаи иқтисодии Институти илмӣ-тадқиқотии кишоварзии Тоҷикистон ба кор роҳхат гирифтам. Як лаҳза ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ин ҳам бошад, соли 1973 вақте ки аз фанни таърихи КПСС дар Академияи хоҷагии қишлоқи шаҳри Москва имтиҳони дохилшавӣ месупоридем, яке аз профессорони ин муассиса аз Тоҷикистон будани маро фаҳмида пурсид: «Оё китоби аллома Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон», ки соли 1972 чоп шудааст, мутолиа намудаӣ?» Ман посух додам, ки ҳоло нахондаам. Он кас пешниҳод карданд, ки албатта ин китобро ёфта хонам. Пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд ин китобро пайдо намуда хондам. Тахминан моҳи марти соли 1973 буд. Мутолиаи ин шоҳасар тамоми фикру ақидаи маро ба кору зиндагӣ дигар кард ва ба ман барои ба итмом расонидани диссертатсияи илмӣ кумак намуд.

**Шумо дар ҷодаи илм шогирдони зиёдеро тарбия ва роҳнамоӣ кардаед. Чанд сухан дар ин бора мегуфтед?**

- Дар давраи омӯзгории худ шогирдони зиёдеро тарбия кардаам, ки ҳоло дар тамоми соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон чун мутахассис, роҳбари корхонаву ташкилотҳо ва кумитаву вазоратҳо фаъолият карда истодаанд. Ғайр аз ин, ба чанд нафар дар вақти донишҷӯ буданашон дарс гуфтаам, ҳоло номзади илм ва доктори илмҳои иқтисодӣ мебошанд, ки ман бо онҳо фахр мекунам.

**Муваффақиятҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз то рӯз бештар мегарданд. Барои нигоҳ доштани ин ҳолат ва пешрафти ҷомеа дар оянда чӣ бояд кард?**

- Дар шароити ҳозира ноил шудан ба рушди ҳамасолаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ зиёда аз 7,5 % на ба ҳамаи кишварҳо муяссар мегардад. Ин рушди баландро ман аз сиёсати Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебинам. Барои нигоҳ доштани ин ҳолат ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои истеҳсолӣ бояд аҳаммият диҳем.

**Фикри Шумо дар бораи пайвандии назария бо амалия?**

- Ба андешаи ман, иқтисодиёти ин ё он давлат дар он шароит рушд меёбад, ки агар назария бо амалия зич пайвандӣ дошта бошад. Мисоли он пештар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар вақти таҷрибаомӯзии донишҷӯён ба ҷойи таҷрибаомӯзӣ рафта, раванди кор бо донишҷӯёнро месанҷиданд. Ин ба сифати таҷрибаомӯзӣ мусоидат мекард. Ҳоло бошад, ин таҷриба қариб ки аз байн рафтааст.

Мисоли дигар дар бораи пайвандии назария бо амалия. Дар шуроҳои диссертатсионӣ чандин диссертатсия оид ба ин ё он проблема баррасӣ гардида, барои баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт пешниҳодҳо карда мешаванд. Аммо аксари онҳо дар амал татбиқ намешаванд. Баъзан дар амалия аз ин назарияҳо хабардор ҳам нестанд.

**Чаро таваҷҷуҳи донишҷӯён ба хондан кам шудааст, сабабро дар чӣ мебинед?**

- Ба ин савол ҷавоб додан нисбатан мушкил аст, чунки он паҳлӯҳои гуногунро дар бар мегирад. Ба фикри ман, яке аз сабабҳо ин баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷойи кори муносибро пайдо накардан мебошад, яъне бархе афрод баъд аз хатм ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, ба кори ғайрикасбӣ машғул мешаванд.

Дигар паҳлӯи ин масъала аз ҷониби омӯзгорон паст шудани талабот ба донишандӯзӣ мебошад, ки он оҳиста-оҳиста дар мактабҳои олӣ ислоҳ шуда истодааст.

**Замони имрӯз аз омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чиро талаб менамояд. Мутобиқ шудан ба замон, яъне чӣ?**

- Дар замони имрӯз аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дониши баланди тахассусӣ талаб менамояд, чунки ҳамаи иттилоот тариқи интернет дастраси донишҷӯён мебошад. Аз ҳамин сабаб, омӯзгор бояд аз маълумотҳои имрӯза бохабар бошад. Бештари вақти худро ба таҳлили адабиёти касбӣ харҷ намояд, яъне фақат аз рӯйи матни лексия гузаштани дарс на омӯзгор ва на донишҷӯёнро қаноатманд карда метавонад.

**Саодати рӯзгорро дар чӣ мебинед?**

- Вақте ки саодати рӯзгор мегӯем, шахсони алоҳида онро ҳар хел мефаҳманд. Ба фикри ман, саодати рӯзгор ин ба Ватан ва падару модар содиқона хизмат намудан аст. Ҳар нафар бояд дар ҷойи кор ҳалол меҳнат кунад.

Инчунин, саодати рӯзгор дар оила вуҷуд доштани якдигарфаҳмӣ, тарбияи дурусти фарзандон, ба онҳо додани маълумоти хуб мебошад. Ман аз он қаноатманд ҳастам, ки барои иҷрои ягон кор ба кадом мақомот наравам, шогирдони худро мебинам ва аз онҳо ифтихор менамоям.

**Дар охир чӣ гуфтанӣ доред?**

- Сатҳи рушд ва нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки ҷавонони он кишвар то чӣ андоза ба маърифати сиёсию фарҳангӣ, техникӣ ва эҷодӣ ноил мегарданд, яъне ҷавонон бояд соҳибкасб ва соҳибмаълумот бошанд. Ба донишҷӯён низ талош барои комёбӣ ва муваффақият хоҳонам!

**Мусоҳиб:
Наврӯз Ҷобиров**

# МОҲИЯТИ ИДҲОИ МОҲИ НОЯБРӢ

**Ҳамасола моҳи ноябр дар ҷумҳурӣ иду ҷашнвораҳои гуногун қайд карда мешаванд, ки ҳар яке аҳаммияти бузурги таърихиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ доранд. Бахшида ба ин санаҳо рӯзномаи «Молия ва иқтисод» миёни устодон назарпурсӣ гузаронида, ба ҳар кадом суоли махсус вобаста ба ин ё он ҷашн пешниҳод намуд ва чунин ҷавобҳоро дарёфт:**

## 6 НОЯБР - РӮЗИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**? Чӣ бояд кард, ки донишҷӯён аз моҳияту талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳии бештар пайдо намоянд?**



**Субҳоналӣ МИРЗОЕВ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини декан оид ба илми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ:**

Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти давлат, ҷамъият ва шаҳрвандонро танзим менамояд.

Баъди ба даст овардани истиқлол бояд санади тозае таҳия ва қабул карда мешуд, зеро дар ҳама давру замон бо рушд ёфтани давлату давлатдорӣ зарурати муайян сохтани сохтор, идораи давлатдорӣ ва пойдории давлат санаде мураттаб мешуд, ки фарогири ҳама ҳадафҳои давлат бошад ва ин бо номи Конститутсия муаррифӣ мешавад ва санади асосӣ шинохта шудааст.

Конститутсияи кишвар барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ва шахсони дар он кору зиндагонидошта вазифа, яъне ухдадорӣ муқаррар кардааст, ки қатъиян иҷрои онҳо барои ҳама ҳатмист. Дар ҳолати ихтиёран иҷро нашудани ин вазифаҳо аз сиёсати маҷбуркунӣ истифода бурда мешавад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди мамлакатро зарур аст, ки на танҳо ҳуқуқу озодиҳои худ, балки вазифаҳои асосиашро низ иҷро намояд.

Барои дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия ва дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу ухдадориҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифати конститутсионӣ-ҳуқуқии донишҷӯён зарур мешуморем ва дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳои зеринро саривақтӣ меҳисобем:

1. Баргузор намудани суҳбату вохӯриҳо бо донишҷӯён вобаста ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия;
2. Иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳои илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати таҷлили Рӯзи қабули Конститутсия;
3. Иштирок ва баромад дар барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ва тамошо кардани онҳо;
4. Мутолиаи маводи таълимӣ, илмӣ ва оммавӣ вобаста ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Ба таври бояду шояд аз бар намудани фанни ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ;
6. Ташкил ва баргузор намудани озмунҳои сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ вобаста ба беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

С. 12 →

# МОҲИЯТИ ИДҲОИ МОҲИ НОЯБРӢ

## 16 НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**? Моҳияти Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ медодед?**

**Дилшод ДАВЛАТЗОДА, эдвайзер оид ба таълими факултети ҳисобдорӣ ва омор:**



Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016 таҳти №1356: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги таърихсоз намудааст».

Яъне, мансаби Президентӣ муқаррароти конститутсионӣ буда, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу шартҳои ба ин мансаби олии ҳокимияти давлатӣ интихоб шудан ва лаҳзаи ба фаъолият шурӯъ намудани Президент муқаррар гардидааст.

Мақсад аз рӯзи ид муайян кардани 16 ноябр дар он ифода меёбад, ки ибтидо аз ҳамин рӯзи тақдирсозу муайянкунандаи рушди минбаъдаи бомароми Тоҷикистон марҳилаи нави муҳими давлатӣ, яъне тибқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии президентӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифа шурӯъ намудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти дурандешу хирадмандест, ки бо ташаббусу ибтикороти созанда ҷавонро ҳамеша дастгирӣ менамоянд ва ҷавобан ба он ҷавонон бояд пешрафтаву ташаббускор бошанд.

## 24 НОЯБР - РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**? Барои тақвияти гиромидошти Парчами давлатӣ чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонид?**

**Қутбиддин МУҚИМОВ, н.и.и., декани факултети МИБ:**



Халқи мо ҳамасола дар баробари дигар идҳои миллию динӣ 24-уми ноябр - Рӯзи Парчами давлатиро хотирмон ҷашн гирифта, ин рамзи муқаддасро арҷгузорӣ менамояд.

Парчами давлатӣ таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Барои тақвияти гиромидошти Парчами давлатӣ мо бояд ҳамеша миёни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронем. Онҳоро ба сӯйи ватандӯстиву ватанпарварӣ, инчунин дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани Парчами миллӣ ҳидоят намоем.

Гиромидошти Парчами миллӣ ҳамон вақт тақвият меёбад, ки халқи тоҷик ҳамеша дар сулҳу субот ва осоиштагӣ зиндагӣ намояд. Ҷавонон бояд дар тамоми самту соҳаҳо, чи озмуну олимпиадаҳои фаннӣ, чи дар мусобиқаҳои варзишӣ, чи дар пажӯҳишу корҳои илмӣ-тадқиқотӣ муваффақ бошанд ва он гоҳ миёни дигар давлатҳо Парчами миллии хешро баланд бардошта, ғолибият ба даст оранд.







## 16 НОЯБР - РӮЗИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛӢ

**? Чаро ин иҷлосияро тақдирсоз мегӯянд?**

**Қутбия ҲОМИДОВА, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ:**



Пеш аз ҳама, барои ба роҳ мондани чунин иқдоми нек ба кормандони рӯзномаи “Молия ва иқтисод” ташаккур баён менамоям. Мо, ки таълиму тарбияи насли ҷавонро ба зимма дорем, бевосита вазифадорем донишҷӯёнро аз таърихи гузаштаи миллати худ огоҳ намоем.

Барои насли ҷавони имрӯза, ки пас аз бесарусомониҳо ва даҳшати ҷанги бародаркуши солҳои 90-уми асри гузашта ба дунёи равшан чашм кушодаанд, донистани сабабу анҷоми ин лаҳзаи мудҳиши таърихи миллат хеле зарур мебошад. Ин фоҷиаи гарони фаромӯшнашаванда дар саҳифаи таърихи мардуми тоҷик сабт шудааст, то дарси ибрати наслҳои имрӯзаву оянда гардад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар шаҳри Душанбе тамоми рукнҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида буд. Чунин ҳолат зарурати ҳокимияти нави қонунии ҷумҳуриро ба вуҷуд овард, ки онро бояд ҳар ду тарафи муқобил эътироф менамуданд. Чунин ҳокимиятро бояд Иҷлосияи Шурои Олӣ ташкил медод, ки барояш дар шароити ҳамонвақта холисона ташкил намудани чунин ҳокимият ғайриимкон буд.

9 ноябри соли 1992 қарори раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи 16 ноябри ҳамон сол дар шаҳри Хуҷанд даъват намудани Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ (даъвати 12-ум) баромад.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 баргузор гардид, барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлоли миллӣ, таъин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард.

Маҳз дар ҳамин иҷлосия мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби намояндагони мардуми кишвар ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон ваколати Сардори давлатро низ ба зимма гирифтанд. Ба уҳдаи Сардори давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида буд.

Воқеан ҳам, Пешвои тоҷикони ҷаҳон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бар савганди худ содиқ монда, барои ба даст овардани сулҳ нахуст дасти мардонагии худро ба сӯйи мухолифини ҳукумат дароз карда, сулҳи ҷовидонаи тоҷиконро ба даст оварданд.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки халқҳои аз ҳам гусастаи Тоҷикистонро ба занҷирай мустаҳками иттиҳод пайвастанд, миллати азияткашидаи тоҷиконро аз вартаи ҳалокат ва нобудӣ ба раҳоӣ оварданд, як механи соҳибистиқлолу воҳид эъмор карданд ва худ девор бораи Тоҷикистон гардиданд.

Иҷлосия давраи бунёдкории мардуми Тоҷикистонро ба миён овард, сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандонро баланд бардошт. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ барои мо як мактаби бузурги ҳаёт ва сабақи нотакрори давлату давлатдорӣ, марҳалаи ибратомӯзи расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, қадами ҷиддии рӯ овардан ба нақшаҳои азими офарандагӣ гардид.

**Мусоҳиб: Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ПАРЧАМ - РАМЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛАТ



Парчам рамзи хоссаи соҳибистиқлолӣ, ватандорӣ, соҳибдавлатӣ ва ҳастии миллат буда, ҳанӯз аз замонҳои қадим нишони шукӯҳу ифтихор ва нангу номус будааст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ, навиштаҷот ва деворнигораҳои гуногун, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд. Давлатдории тоҷикон таърихи қадима дорад. Аҷдодони мо ҳанӯз дар замони Каёниён соҳиби дирафше будаанд, ки мавҷудияти давлати онҳоро ифода мекард ва он «Дирафши Ковиён» ном дошт, ки он ҳамчун рамзи ваҳдат ва ягонагии давлатдории ориёӣ қабул шуда буд.

Воқеан, дар бораи Дирафши Ковиён «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ҳам маълумот медиҳад. Дар ин асар омадааст, ки Коваи оҳангар дар вақти мубориза бар зидди қувваи бадӣ - Заҳҳок ғолиб омада, пешбанди чармини худро ба ҳайси дирафш-парчам истифода карда, онро баланд мебардорад ва бо ин амал ғолиб шуданашро ба халқ нишон медиҳад. Аз ин чост, ки варзишгарон дар баробари ғолибият дар мусобиқаҳои байналмилалӣ парчами миллиашонро баланд мебардоранд.

Хушбахтона, бо шарофати Истиқлоли давлатӣ тоҷикон соҳиби Парчами миллӣ гардиданд. Дар ҷаҳони муосир доштани парчами миллӣ нишони истиқлол ва ваҳдати миллӣ буда, давлат тавассути он дар ҷаҳон муаррифӣ мешавад.

Парчами миллӣ рамзи гиромидошти яке аз муқаддасоти миллати мутамаддину бомаърифат, нишонаи мубориза ву ҷоннисориҳои халқи тоҷик барои озодиву истиқлол, илҳомбахши фаъолияти фидокоронаи фарзандони содиқи миллату Ватан ва ҳидоятгару раҳнамои мардум ба сӯи шукуфоӣ ва зиндагии босаодат мебошад. Он ифодагари иқболу истиқлол, иттиҳоду сарчамъӣ, нангу номус, мардонагию матинии родагӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.

Имрӯз Парчами миллӣ ҳамчун нишонаи азму иродаи устувори мардум баҳри ободии кишвар, ҳаммароми «Дирафши Ковиёнӣ»-и аҷдодиамон бори дигар аз мавҷудияти тамаддуну фарҳанги бостонии тоҷикон, пайкари созандагиву асолати миллӣ, давлату давлатдории мустақил ва ормонҳои ватанхоҳии родмардони сарзаминамон башорат медиҳад.

Он тасвири рангҳо, тоҷ ва ҳафт ситорае, ки дар парчам акс ёфтаанд, мазмуни зиёдеро дар худ таҷассум кардаанд ва ҳар кас метавонад онро вобаста ба фаҳмиши худ шарҳ диҳад. Аммо мазмуни ҳақиқиаш - ранги сурх дар парчам муборизаю фидокории халқ барои озодию истиқлол, ранги сафед - бахти сафед ва покизагӣ, ранги сабз - саъю кӯшиш ва меҳнати сокинон баҳри сарсабзу хуррам гардонидани Ватан мебошад. Тасвири тоҷ ин нишон аз соҳибдавлатӣ ва мустақилияти кишвар буда, ҳафт ситора - ҳафт иқлим, ҳафт ситораи бародарон, ҳафт қабати осмон ва ҳафт рӯзро маънидод мекунад. Умуман, рақами ҳафт дар мардуми тоҷик азизу муқаддас дониста мешавад.

Робитаҳои дӯстиву ҳамкорӣ, аз ҷумла равобити дипломатӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ бо кишварҳои зиёди хориҷӣ густариш ёфтанд. Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гардид. Имрӯз Парчами миллии мо дар қатори парчами дигар кишварҳо дар фарози созмонҳои баландпояи ҷаҳонӣ парафшон аст, ки ин мояи ифтихору рӯҳбаландӣ ва эҳтироми тоҷикон мебошад.

Парчами давлатӣ, дар ҳақиқат, нишонаи бақои миллату давлат, ваҳдат ва ҳувияти миллист. Он беҳтарин василаи тарбияи насли наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ҳифзи арзишҳои волои таърихию фарҳангии халқамон маҳсуб мешавад.

Хулоса, моро мебояд, ки аз Парчами миллӣ ифтихор дошта бошему эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдории аҷдодӣ ба ҷо орем. Инчунин, вазифадорем, ки қадру манзалат ва нақшу эътибори Парчами миллиро ба фарзандони худ ва наврасону ҷавонон талқин намоем.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Эҳтироми Парчами давлатӣ ва расидан ба қадри он ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси Ватани соҳибистиқлол аз ҷумлаи вазифаҳои ифтихорӣ ва қарзи шаҳрвандии аҳли ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва зарур аст, ки ҳисси ифтихор аз парафшонии он дар сиришту фитрати ҳар як шаҳрванди ватандӯсту меҳанпарасти кишвар доимо пойбарҷо бошад».

**Нурализода Амрулло,**
**декани факултети молия ва қарз**

# ҲИКМАТИ МОДАРИ ҲАВЛИРӮБ



Саҳархезӣ одати некуҳисолон буда, баракати он дигар аст. Мардуми мо ин одатро ҳеҷ тарк накардаанд ва модарони мо аз субҳи содиқ ба ҳавлӣ об зада рӯфтанро хосияти нек дорад, мегӯянд. Ин одат маро низ аз замони хурдсолӣ дунболгир аст. Субҳи солеҳон барвақт аз хоб мехезаму роҳ мегирам сӯи донишгоҳ. Ҳанӯз аз дарвозаи таълимгоҳ надаромада, шоҳиди он мешавам, ки кормандони хоҷагидорӣ, аз ҷумла модари ҳавлирӯб Бозоргул Шарипова соати шаш, аллакай дар дасташ ҷорӯб дар тозаву озода ва сабзу хуррам нигоҳ доштани саҳни маҳзани илму доніш заҳмат мекашад... Вале боре ҳам нашудааст, ки ба саҳни ҳавлии таълимгоҳ ворид шудаву онро зери баргҳо бинем. Кормандони хоҷагӣ ҳамеша дар пайи тозагии гирду атрофанд. Саҳни ҳавлӣ дар тамоми фасли сол тозаву озода буда, нақҳату нафосати гулҳои он ба кас илҳому ба дидаҳо нур мебахшанд. Ҳар боре ба донишгоҳ ворид мешавам, ин манзараи зеборо дида, бадоҳатан ба дастандаркорони ин ободкориву тозакориҳо аҳсант мехонам.

Вақти корӣ ҳам сар шудаву соат ҳам аз ҳашт гузаштааст. Табиат қабои зарринеро ба бар намудаву офтоби тирамоҳии аз зери абр баромада медурахшад, аз шохсорон анбӯҳи баргҳои хазон мисли барфи лаклакӣ ба замин мерезанд. Холаи Бозоргулро дар саҳни донишгоҳ дар даст ҷорӯби ҳавлирӯбӣ меёбам. Ба худ мегӯям: «Ҳоло ки фасли хазонрезист, кори ин модарон хеле зиёд аст».

- Меҳоҳам барои хонандагони рӯзнома оид ба фаъолияти корӣ ва зиндагии шахсиатон каме суҳбате дошта бошем.

Модар хоҳиши маро рад намекунад ва суҳбати мо сари баргҳои хазони ҷамъкардашуда ҷараён мегирад...

- Ман зиёда аз 16 сол мешавад, ки аз пайи ин касаба ризқу рӯзии фарзандонамро пайдо менамоям. Агарчанде ҳавлирӯбӣ шуғли назарногир бошад ҳам, вале нони он ширин аст. Ҳавлирӯбӣ ҳам заҳматро металабад. Шахс бояд на аз гармои тобистон ҳаросаду на аз сармои зимистон. Агар корро аз самими дил иҷро намоӣ, аз натиҷаи он хурсанд мешавӣ. Охир меҳру муҳаббат ва рағбат ба кор ва коргоҳ метавонад ғайрати кормандро дучанд афзун намояд, дар халқ мегӯянд: «Хушбахт касест, ки ба касе ва ё ба чизе дилбастагӣ дошта бошад». Дилбохтаи шуғле будан вобаста ба маърифат, ҷаҳонбинии васеъ ва, аз ҳама муҳимаш, дар ниҳоди шахс ҷой гирифтани эҳтиром нисбати ҳамкорон, муҳити маънавии корхона, олами ботинии пурғановати инсон аст.

Албатта, имрӯзҳо ҳар бинанда ё меҳмоне, ки ба донишгоҳ меояд, аз дидани манзараҳои зебову дилкаши тозаву озода ва гулзору сабзазор ва дарахтони сарбафалаккашидаи он ҳаловат мебарад. Дар ҳақиқат, тозагии гирду атроф, бӯи муаттари гулҳои шукуфта ва ободкориҳо таскинбахши дилу рӯҳу равони ҳар бинанда аст.

Ҳамсуҳбати мо дар идома афзуд, ки зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи худро дорад, на ҳар вақт хостаҳои дили инсон дар зиндагӣ амалӣ мегардад. Бо мурури замон, гоҳе дар зиндагӣ бо ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешавӣ, ки хоҳ-нохоҳ ту маҷбур мешавӣ маҷрояшро дигар намоӣ. Марги шавҳари меҳрубонам, маро аз зиндагӣ дилшикаста кард. Азм кардам бо зиндагӣ мубориза барам. Ба ҳама дӯштаву надоштаҳоям, Худоро сад шукр мегӯям, ки дар ҷаҳон одамони нек зиёданд. Маро имрӯзҳо дар донишгоҳ ҳамкорон ба раёсат дастгирӣ менамоянд. Писарам Алишер низ ҳамроҳам дар донишгоҳ кор мекунад.

Бегоҳиҳо хангоми фориғ шуданам аз кор дар иҳотаи фарзандон ва наберагон худамро модар ва бибии хушбахт меҳисобам. Замоне ки онҳо дар гирдам ҷамъ меоянд, ҳама дарду ранҷҳоямро фаромӯш менамоям, мегӯяд ҳамсуҳбатамон.

Холаи Бозоргулро тамоми аҳли хонавода хурмату эҳтиром намуда, насиҳатҳояшро бо маром гӯш ва аз рӯйи он амал мекунанд.

«Аҷдодони мо кони дурру гуҳаранд. Модаркалонам пайваста таъкид мекарданд: «Аз дуои падару модар месабзӣ». Имрӯз ҳарчанд худ модараму синну солам ба ҷое расидааст, боз суханҳои пурҳикмати модарамро ёд мекунам ва аз фарзандонам хоҳиш менамоям, ки волидайнро барои ҳавою ҳавас шуда хор накунанд, иззату эҳтиромашонро бо ҷо оранд, дуояшонро бигиранд. Вақте дуои падару модарро гирифтӣ, нашъунамо меёбӣ, ба орзуву ҳавасҳоят мерасӣ, муҳиммаш, аз зиндагӣ лаззат мебарӣ», - афзуд ин модари меҳрубон.

Замоне ки суҳбати мо бо ин зани меҳнаткарин поён меёфт, баргҳои зардшудаи дарахти чинор аз шохаҳояш канда шуда, бозикунон омада ба сару рӯяш мезаданд. Ӯ аз ин ҳаловат мебурду даст ба дуо бардошта, шукри тинҷиву амониро мекард.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагонаш гардад.

Д. И. Менделеев

# ҶАЛАСАЕ, КИ БА МАРДУМИ ТОҶИК УМЕД ВА РӮҲУ ИЛҲОМИ ТОЗА БАХШИД!

## МУЛОҚОТ БО ИШТИРОКЧИЁНИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШУРОИ ОЛӢ



- Тайи як ҳафта мешавад, ки дар донишгоҳ ҷаласаҳои тантанавӣ бахшида ба Иҷлосияи тақдирсозу овозадори 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд. Дар ҷамъбасти ин чорабиниҳо, мо хостем ходимони намоёни ҷумҳурӣ, собиқадорони меҳнат, иштирокчиёни ин иҷлосия - собиқ Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафика Мӯсоева ва арбоби давлатӣ, собиқ раиси ноҳияи Варзоб Абдулваҳҳоб Саидмуродовро, ки дар он иҷлосия ба тарафдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон овоз дода, саҳми намоёни худро дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ гузоштаанд, даъват намоем, - иброз дошт ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳакимбек Абдуализода зимни ҷаласаи васеи тантанавӣ зери унвони «Ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлатдории миллӣ» ва меҳмононро ганҷинаҳои маърифат ва дурдонаҳои гаронбаҳо номид.

Ректор дар идомаи маърӯзаи хеш иброз дошт, ки Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ, даъвати дувоздаҳум 30 сол муқаддам ба таҳкими давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ саҳми беандоза бузург гузошт. Дастоварди беназири ин ҷамъомад интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шурои Олӣ махсуб меёбад. Раиси тозаинтихоби Шурои Олӣ дар нахустин суханронии пурэҳсосашон бо тарафдорӣ аз ташкили давлати демокративу ҳуқуқбунёд, бозгардонии гурезаҳо ба Ватан, талош барои сулҳи ҳамешагӣ ибрози андеша намуданд.

Дар тақвияти суханони ректор арбоби давлатӣ Рафика Мӯсоева чунин афзуд: «Маҳз ҳамин рӯз - санаи 19-уми ноябри соли 1992 барои мо вакилон - иштирокчиёни Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ва халқи тоҷик таърихӣ ва хотирмон буд. Зеро марди Худододе, ки тавонистанд ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшанд, марде, ки Ватанаш, миллаташ ва заминашро аз ҷонаш зиёд дӯст медоштанд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Роҳбари давлат интихоб гардиданд. Мардум пас аз интихоби Раиси Шурои Олӣ умед ба ояндa ва рӯҳу илҳоми тоза гирифтанд.

Номбурда дар идома иброз дошт, ки таърих барои ҳар халқу миллат чеҳраҳоеро дар марҳалаи гуногуни таърихӣ эҳдо мекунад, то бори сарҷамъӣ, ҳештаншиносӣ, танзим ва рушди миллатро ба дӯш дошта бошанд. Барои миллати тоҷик ин гуна шахсияти мӯътабар Эмомалӣ Раҳмон аст.

Дар идома иштирокчии дигари Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ Абдулваҳҳоб Саидмуродов гуфт, ки дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, ки барои миллати тоҷик солҳои пуршиддат, мудҳиш ва вазнин буд, гирдиҳамоиҳо сар зад. Тазоҳуротчиён авзои сиёсиро ҳар лаҳза дигаргун месохтанд ва қарорҳои ғайриконститутсионӣ ва зидди манфиатҳои миллӣ мебароварданд. Маҳз ин иҷлосия марҳила ба марҳила вазъи муташанниҷи ҷумҳуриро ба эътидол овард.

Дар музокира мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ профессор Фирӯзҷон Насриддинов баромад намуда, бо ёдоварӣ аз оғози соҳибистиқлолӣ ва ташаббусу тадбирҳои саривақтӣ ба шахсони аввал - иштирокчиёни бевоситаи Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъвату воҳӯрӣ бо устодону донишҷӯёни ДДМИТ изҳори сипос намуда, чунин хитоб кард: «Ташаккур, барои интихоби дурусти Роҳбари арзанда!»

**Наврӯз ҶОБИРОВ**



## БИЁЕД БИОМӮЗЕМ!

# *ДАРСИ КУШОД.* ОН БОЯД НАМУНА БОШАД!

## Таҳлили илмии дарс ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон

Тавре огаҳӣ доред, дар шумораи гузаштаи рӯзнома (№3-4, 30 октябри 2022) зери унвони «Дарси кушод. Он чӣ гуна бояд бошад?» мақола ба табъ расид, ки он дар асоси таассурот аз иштирок ва мушоҳидаи дарсҳои кушоди омӯзгорони донишгоҳ таълиф гардида буд.

Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим иштирок ба дарсҳои устодонро идома дода, пас аз мушоҳидаи дарс онро таҳлили илмӣ ва муваффақияту камбудиҳоро ошкор карда, ба муаллим пешниҳоду тавсияҳои методӣ медиҳад.

Дар давоми моҳи ноябри соли равон кормандони ШМИСТ ба беш аз 15 дарси кушоди ҳайати омӯзгорию профессорӣ дохил шуда, онҳоро мавриди санҷишу таҳлил қарор доданд.

Набояд фаромӯш кард, ки дигар он хондани лексияи дурударози якнавохт ва бетаъсир ба талаботи дарси муосир ҷавобгӯ набуда, шавқу рағбат ва майлу ҳаваси донишҷӯи имрӯзаро бедор намекунад, тафаккурро ташаккул намедиҳад. Мавзӯъ бояд дар ҳадди зарурӣ мувофиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ, дараҷаи фаҳмиш, идроки донишҷӯён ва хотиру тафаккури онҳо баён карда шавад, зеро ҳаҷми калони маводи таълимӣ дар хотири донишҷӯ ҳифз намегардад. Ҳамчунин, дар рафти дарс вобаста ба моҳияти мавзӯъ ташкили вазъияти проблемавӣ ба мақсад мувофиқ меояд, ки ин аз маҳорати баланди касбӣ ва донишҳои педагогию методии устод вобаста аст.

Ҷомеаи муосир дар назди соҳаи таҳсилот талаботи навро дар миён мегузорад. Соҳаи таҳсилот ва махсусан, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки мутахассиси ҳамаҷониба рушдёфтаи давронсозро омода ва ба ҷомеа пешкаш кунад. Дар робита ба ин, аз устоди МТОК донишҳои фарох, доираи ҷаҳонбинии васеъ ва маҳорати баланди касбӣ тақозо карда мешавад.

Аз ҷумла, барои бехатарсозии фаъолияти таълимӣ, ки хусусияти он омӯзонидан (кори муаллим) ва омӯхтан (кори донишҷӯ) мебошад, иштирок ба дарс, таҳлили илмии он ва ниҳоят, ошкор намудани муваффақияту камбудиҳо ба пешниҳоди тавсияҳои судманди педагогию психологӣ ва дидактикию методӣ беҳтарин усул ба шумор меравад.

Дарвоқеъ, дар донишгоҳ омӯзгорон фаъолият мебаранд, ки бо истифода аз методҳои интерактивии таълим дарсҳоро пурмазмун, хушсифат ва ҷолиб доир менамоянд. Аз ҷумла, дарси ташкилкардаи Ҷурахонзода Б.Ҷ., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ дар курси 3, ихтисоси 1-25010403 бо ҷамъи чанд гурӯҳ дар мавзуи “Таснифи андозҳо ва вазифаҳои он дар шароити имрӯза” босифат ва хеле пурмазмун доир гардид. Дарс бо истифодаи намоишномаи электронӣ ба тарзи инноватсионӣ ва ба талаботи дарси муосир мувофиқ баргузор шуд. Донишҷӯён низ фаъолнокӣ нишон дода, аз дарс таассуроти хуб бардоштанд. Дар анҷом устод чиҳати ҳавасмандгардонӣ воситаи таълимии ба тозагӣ таълифнамудаашро бо номи “Андоз ва андозбандӣ” (Душанбе, 2022. - 175 с.) ба сардорони гурӯҳ ва ба мудири кафедраи андоз ва андозбандӣ китоби дарсии “Ҳуқуқи андоз” (Душанбе, 2022. – 536 с.)-ро тақдим кард.

Лексияи кушоди Қодиров Ф.А., дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ аз фанни иқтисоди корхонаҳо дар мавзуи “Фаъолияти инноватсионии корхонаҳо” ба таъриф сазовор аст. Устод барои моҳияти мавзӯъро ба донишҷӯён фаҳмонидан, аз усулҳои нави фаъоли тадрис кор гирифта, тариқи лексия-мубоҳиса маводи таълимиро баён дошт. Мафҳумҳои илмиро шарҳу тавзеҳ дода, назарияро бо амалия алоқаманд сохт, аз ақидаҳои олимони соҳа иқтибос оварда, илмияти мавзӯъро асоснок кард. Аз оғоз то ба анҷом лексия тавассути намоишномаи электронӣ ва бо маводи видеоӣ ҷараён гирифта, усулҳои проблемагузорӣ фаровон истифода шуданд, ки чунин ҳолат диққати шогирдонро ҷалб ва дараҷаи фикррониии онҳоро афзун мегардонад. Чунин ташкили дарс ва методи дарсгузорӣ майлу рағбати донишҷӯро бедор ва ҳаваси донишу илмҷӯиро афзун менамояд.

Бояд қайд кард, ки дотсентон Ҷурахонзода Б.Б. ва Қодиров Ф.А. сарфи назар аз вазифаи муовини ректор будан, бо ҳисси баланди масъулият бидуни нақша бо ташаббуси худ барои ҳамкасбон, махсусан барои муаллимони ҷавон ва камтаҷриба дарси кушод ташкил намуданд.

Ҳамин гуна дарсҳои кушоди пурмазмунро олимони донишгоҳ Ҷонмамадов Ш., профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ, Мирсаидов С., профессори кафедраи фаъолияти гумрук баргузор карданд, ки шоистаи таҳсин аст. Лексияи профессорон тариқи тахтаи электронӣ дар сатҳи баланди касбӣ доир шуда, мафҳумҳои иқтисодии соҳавӣ шарҳу тавзеҳ меёфтанд, ки ин доираи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯёнро васеътар мегардонад.

Ҳамчунин, дарсҳои дигар устодони касбӣ, ба монанди Оймаҳмадов Г., дотсенти кафедраи молия, Фозилова Д., дотсенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика, устодони кафедраи забони русӣ Махшулов Ч. ва Давлатова Р. бо методҳои фаъол ва инноватсионӣ, вобаста ба равияи ихтисос бо истифодаи мафҳумҳои иқтисодӣ дарсҳои ҷолиб доир намуданд, ки аз маҳорати баланди педагогӣ дарак медиҳад.

Таъкид менамоем, ки дарси кушод бо ягон метод, тарз ва воситаи таълим, алалхусус бо навгониҳо аз дарси одӣ ва мукаррарӣ бояд фарқ кунад. Гуфтан зарур аст, ки истифодаи методҳои интерактивии таълим фаъол будани ҳам устод ва ҳам шогирдонро талаб менамояд.

Умуман, ҳар як дарси кушоди баргузоршуда мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, барои аз ин хубу беҳтар ташкил намудани дарсҳо пешниҳоду тавсияҳои хуби методӣ манзур карда шуд.

Дар охир таъкид менамоем, ки дари шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ҳамеша боз аст ва омӯзгороне, ки ба ёрии методӣ ниёз доранд мехоҳанд дар фаъолияти педагогӣ муваффақ гарданд, метавонанд дар вақтҳои барояшон муносиб аз маслиҳату тавсияҳои кормандони шуъба баҳра баранд. Дуруст гуфтаанд, ки “Пурсидан айб нест, надонистан айб аст”.

**Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими ДДМИТ**

# РАВЗАНАИ ИҚТИСОД

Ҷоизаи Бонки миллии Шведсия дар соҳаи улуми иқтисод ба хотири Алфред Нобел, ба таври ғайрирасмӣ ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Он барои дастовардҳо дар соҳаи улуми иқтисодиёт супорида мешавад. Ҷоиза дар як сол як маротиба аз ҷониби Академияи улуми шоҳии Шведсия супорида мешавад ва бонуфузтарин ҷоиза дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Ҷиҳати фарккунандаи ин ҷоизаи Нобел аз дигар соҳаҳои ҷоизаи Нобел дар он аст, ки он мероси бевоситаи Алфред Нобел нест. Ҷоизаи мазкур соли 1969 таъсис дода шуда, то имрӯз 54 маротиба тақдим шудааст ва онҳоро 89 нафар олимони иқтисодчӣ гирифтаанд. Барандаи ин ҷоиза душанбеи дуюми моҳи октябр эълон мешавад ва худи ҷоиза санаи 10-уми декабр супорида мешавад.

Дар маводи мазкур мо тасмим гирифтаем ба хонандагон рӯйхати ҳамаи барандагони ин ҷоиза ва кашфиёти онҳоро пешкаш намоем. Донишҷӯён бошанд, метавонанд ин маводро дар навиштани корҳои мустақилона истифода баранд. Инак, ба Шумо барандагони ҷоиза ва кашфиёташон пешкаш мегардад:

1. Соли 1969 Ригнар Фриш аз Норвегия ва Ян Тинберген аз Нидерландия «Барои тартиб додан ва истифодаи моделҳои динамикӣ барои таҳлили равандҳои иқтисодӣ».
2. Соли 1970 Пол Самуэлсон аз ИМА «Барои кори илмии ташаккулдиҳандаи назарияи иқтисодии статикӣ ва динамикӣ».
3. Соли 1971 Саймон Кузнетс аз ИМА «Барои шарҳи аз ҷиҳати эмпирикӣ асоснокшудаи рушди иқтисодӣ».
4. Соли 1972 Ҷон Ричард Хикс аз Британияи Кабир ва Кеннет Эрроу аз ИМА «Барои саҳми аввалин дар назарияи умумии мувозинат ва назарияи некуаҳволӣ».
5. Соли 1973 Василий Леонтиев аз ИМА «Барои ташаккули усули «харочот-истеҳсолот» ва истифодаи он дар масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ».
6. Соли 1974 Гуннар Мюрдал аз Шветсия ва Фридрих фон Хайек аз Австрия «Барои корҳои фундаменталӣ оиди назарияи пул ва тағйирёбии иқтисодиёт ва таҳлили амиқи баҳамалоқамандии падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ».
7. Соли 1975 Леонид Канторович аз ИҶШС ва Тҷалинг Кулманс аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи тақсими оптималии захираҳо».
8. Соли 1976 Милтон Фридман аз ИМА «Барои дастовардҳо дар соҳаи таҳлили истеъмол, таърихи муомилоти пулӣ ва коркарди назарияи монетарӣ, ҳамчунин, барои намоиши амалии мушкилии сиёсати муътадилгардонии иқтисодӣ».
9. Соли 1977 Бертил Олин аз Шведсия ва Ҷеймс Мид аз Британияи Кабир «Барои саҳми аввалин дар назарияи тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати байналмилалии сармоя».
10. Соли 1978 Герберт Саймон аз ИМА «Барои тадқиқоти навоваронаи раванди қабули қарор дар дохили ташкилотҳои иқтисодӣ».
11. Соли 1979 Теодор Шултс аз ИМА ва Артур Люис аз Британияи Кабир «Барои тадқиқоти навоваронаи рушди иқтисодӣ дар мисоли проблемаҳои давлатҳои рӯ ба инкишоф».
12. Соли 1980 Лоуренс Клейн аз ИМА «Барои сохтани моделҳои иқтисодӣ ва истифодаи онҳо дар таҳлили тағйироти иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодӣ».
13. Соли 1981 Ҷеймс Тобин аз ИМА барои «Таҳлили вазъияти бозорҳои молиявӣ ва таъсири онҳо ба сиёсати қабули қарор дар соҳаи харочот, дар ҳолати вазъияти бекорӣ, истеҳсолот ва нархҳо».
14. Соли 1982 Ҷорҷ Стиглер аз ИМА «Барои тадқиқоти навоваронаи сохторҳои саноатӣ, фаъолияти бозорҳо, сабаб ва натиҷаи танзими давлатӣ».
15. Соли 1983 Жерар Дебрё «Барои саҳмгузорӣ дар фаҳмиши назарияи умумии мувозинат ва шароитҳое, ки дар онҳо мувозинати умумӣ дар шароити абстрактии иқтисодӣ мавҷуд аст».
16. Соли 1984 Ричард Стоун аз Британияи Кабир «Барои саҳми бузург дар рушди илми иқтисодӣ».
17. Соли 1985 Франко Модиляни аз Италия «Барои таҳлили рафтори одамон нисбати пасандозҳо, ки дар ташкили барномаҳои миллии нафақа аҳаммияти бузурги амалӣ дорад».
18. Соли 1986 Ҷеймс Бюкенен аз ИМА «Барои тадқиқоти асосҳои шартномавӣ ва конститутсионии назарияи қабули қарорҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ».
19. Соли 1987 Роберт Солоу аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи рушди иқтисодӣ».
20. Соли 1988 Морис Алле аз Фаронса «Барои саҳми навоварона дар назарияи бозорҳо ва истифодаи самараноки захираҳо».
21. Соли 1989 Трюгве Ховелмо аз Норвегия «Барои шарҳхои асосҳои назарияи эҳтимолиятҳо ва таҳлили сохторҳои яквақтаинаи иқтисодӣ».
22. Соли 1990 Гарри Марковитс ва Мертон Миллер аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар назарияи ташаккули нархҳои дороиҳои молиявӣ».
23. Соли 1991 Роналд Коуз аз Британияи Кабир «Барои ошкор ва нишон додани аҳаммияти харочоти муомилот ва ҳуқуқи моликият барои сохторҳои институтсионалӣ ва ташаккули иқтисодиёт».
24. Соли 1992 Гэри Беккер аз ИМА «Барои тадқиқи доираи васеи масъалаҳои рафтор ва вокуниши инсонӣ, ки танҳо бо фаъолияти бозоргонӣ маҳдуд намешаванд».
25. Соли 1993 Роберт Фогел ва Дуглас Норт аз ИМА «Барои тадқиқоти нави таърихи иқтисодӣ бо ёрии назарияи иқтисодӣ ва методи миқдории ҷиҳати шарҳи тағйироти иқтисодӣ ва институтсионалӣ».
26. Соли 1994 Ҷон Харсани ва Ҷон Нэш аз ИМА ва Райнхард Зелтен аз Олмон «Барои таҳлили мувозинат дар назарияи бозиҳои ғайрикооперативӣ».
27. Соли 1995 Роберт Лукас аз ИМА «Барои рушд ва истифодаи интизориҳои ратсионалӣ, трансформатсияи таҳлили макроиқтисодӣ ва амиқгардонии фаҳмиши сиёсати иқтисодӣ».
28. Соли 1996 Ҷеймс Миррлис аз Британияи Кабир ва Вилиям Викри аз ИМА «Барои саҳми фундаменталӣ дар назарияи иқтисодии ангезаҳо ва маълумоти ассиметрӣ».
29. Соли 1997 Роберт К.Мёртен аз ИМА ва Майрон Шоулз аз Канада «Барои методи баҳодиҳии ҳосилаҳои молиявӣ».
30. Соли 1998 Амартия Сен аз Ҳиндустон «Барои саҳмгузорӣ дар некуаҳволии иқтисодӣ».
31. Соли 1999 Роберт Манделл аз Канада «Барои таҳлили сиёсати молиявию фискалӣ дар шароити қурбҳои гуногуни мубодилаи асъор ва барои таҳлили минтақаҳои асъории оптималӣ».
32. Соли 2000 Ҷеймс Ҳекман аз ИМА «Барои рушди назария ва усулҳои таҳлили интихоби дискретӣ».
33. Соли 2001 Дэниел Макфадден, Ҷорҷ Акерлоф, Майкл Спенс, Ҷозеф Стиглитс ва Даниэл Канеман аз ИМА «Барои таҳлили бозорҳо бо маълумоти ассиметрӣ».
34. Соли 2002 Даниэл Канеман аз ИМА ва Изроил ва Вернон Смит аз ИМА «Барои таҳқиқот дар соҳаи қабули қарор ва механизмҳои бозорҳои алтернативӣ».
35. Соли 2003 Роберт Энгл аз ИМА «Барои коркарди усули таҳлили қаторҳои муваққатӣ дар иқтисодиёт дар асоси модели математикӣ бо гетероскедастикии шартии авторегрессивӣ» ва Клайв Грэнджер аз Британияи Кабир «Барои коркарди усули коинтергартсияи таҳлили қаторҳои муваққатӣ дар иқтисодиёт».
36. Соли 2004 Финн Кидланд аз Норвегия ва Эдвард Прескотт аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар омӯзиши таъсири омили вақт ба сиёсати иқтисодӣ ва таҳқиқи қувваҳои ҳаракатдиҳандаи сиклҳои корӣ».
37. Соли 2005 Роберт Ауман аз Изроил ва Томас Шеллинг аз ИМА «Барои амиқгардонии дарки моҳияти моҷаро ва ҳамкорӣ бо роҳи таҳлили назарияи бозиҳо».
38. Соли 2006 Эдмунд Феллс аз ИМА «Барои таҳлили мубодилаи байнивақтӣ дар сиёсати макроиқтисодӣ».
39. Соли 2007 Леонид Гурвич, Эрик Мэскин ва Роҷер Майерсон аз ИМА «Барои бунёди асосҳои назарияи механизмҳои оптималӣ».
40. Соли 2008 Пол Кругман аз ИМА «Барои таҳлили сохтори тиҷорат ва ҷойгиркунии фаъолияти иқтисодӣ».
41. Соли 2009 Элинор Остром ва Оливер Уилямсон аз ИМА «Барои таҳқиқот дар соҳаи ташкилоти иқтисодӣ».
42. Соли 2010 Питер Даймонд ва Дэйл Мортенсен аз ИМА ва Кристофер Писсаридес аз Британияи Кабир ва Кипр «Барои таҳқиқи бозорҳо бо моделҳои ҷустуҷӯӣ».
43. Соли 2011 Томас Сарҷент ва Кристофер Симс аз ИМА «Барои таҳқиқоти эмпирикии алоқаҳои сабабиву натиҷавӣ дар макроиқтисодиёт».
44. Соли 2012 Ллойд Стауэлл Шепли ва Элвин Элиот Рот аз ИМА «Барои назарияи тақсимоти устувор ва таҷрибаи сохтори бозорҳо».
45. Соли 2013 Юҷин Фама, Роберт Шиллер ва Ларс Петер Хансен аз ИМА «Барои таҳлили эмпирикии тағйироти нархи дороиҳо».
46. Соли 2014 Жан Тирол аз Фаронса «Барои таҳлили ҳокимияти бозорӣ ва танзими он».
47. Соли 2015 Ангус Дитон аз ИМА ва Британияи Кабир «Барои таҳлили масъалаҳои истеъмолот, камбизоатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ».
48. Соли 2016 Оливер Харт аз Британияи Кабир ва ИМА ва Бент Холмстрём аз Финландия «Барои саҳмгузорӣ дар рушди назарияи шартномаҳо».
49. Соли 2017 Ричард Талер аз ИМА «Барои саҳмгузорӣ дар иқтисодиёти рафторӣ».
50. Соли 2018 Вилям Нордхаус аз ИМА «Барои интегратсияи тағйироти иқлим дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ» ва Пол Ромер аз ИМА «Барои интегратсияи технологияҳои инноватсионӣ дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ».
51. Соли 2019 Абҳиҷит Бенерҷи ва Майкл Кремер аз ИМА ва Эстер Дюфло аз ИМА ва Фаронса «Барои равиши таҷрибавӣ дар самти мубориза бо қашшоқии глобалӣ».
52. Соли 2020 Пол Милгром ва Роберт Уилсон аз ИМА «Барои мукаммалгардонии назарияи музоядаҳо ва ихтирои шаклҳои нави онҳо».
53. Соли 2021 Дэвид Кард аз Канада, Ҷошуа Ангрист аз ИМА ва Изроил ва Гвидо Имбенс аз ИМА ва Нидерландия «Барои саҳми эмпирикӣ гузоштан дар иқтисодиёти меҳнат ва саҳми методологӣ дар таҳлили алоқаҳои сабабиву натиҷавӣ».
54. Соли 2022 Бен Бернанке аз ИМА «Барои таҳқиқи бонкҳо ва буҳронҳои молиявӣ».

## БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ БОНУФУЗТАРИНИ ИҚТИСОДӢ




**НАСРИДДИНОВ Ф.Б.,**
**профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ**




## БОНУВОНИ АЗИЗУ МУҲТАРАМ УМЕДА БОЛТАЕВА ВА БУНАФША АСОЕВА!

Шуморо бо фарорасии зодрӯзи муборакатон аз самими қалб муборакбод мегӯем ва бароятон тамоми хушиҳои оламро таманно дорем. Бигзор Худованд тамоми шодиҳои дунёро дар китоби умратон сабт намуда бошад.

**Сарат чун кӯҳи Помир сарбаланд бод,**
**Рухи зебо, ки дорӣ, гулфишон бод.**
**Ҳамон умре, ки бар ту дод Худованд.**
**Мисоли арча доим бехазон бод.**



## МУҲТАРАМ МИРЗОН СОЛИЕВ!

60-умин солгарди ҷашни фархундаи зодрӯзатонро ба Шумо сидқан шодбош гуфта, таманнои онро дорем, ки бахт ҳамеша шуморо ёр, тақдир мададгор ва Худо нигаҳдор бошад.

Бигзор меҳр андар чароғи дилатон фурӯзон, ханда дар лабатон чун гулҳои баҳор шукуфон ва орзуву ниятҳоятон ҳамеша ҷомаи амал пӯшад.

**Имрӯз миёни мо гули анҷуманӣ,**
**Дар баҳри кабири илм дурри аданӣ.**
**Бас ҷилва намуд хома дар коргаҳат,**
**Ай шери Худо, шаҳи диёри суханӣ.**

60

## МУҲТАРАМ ОДИЛ УЛУҒОВ ВА ФИРДАВС СОҲИБОВ!

Шуморо бо фарорасии 40-умин солгарди ҷашни мелоди умратон табрик намуда, ба шумо аз даргоҳи Худованд саломатӣ, сарбаландӣ ва хуширо орзумандем.

Бахт ёру толеъ мададгор ва Худо нигаҳдоратон бод!

**Мавлуди накуи умр бодо табрик,**
**Ин як зи ҳазори умр бодо табрик.**
**Дар авҷу барор бахту толеи ту бод,**
**Ин авҷу барори умр бодо табрик.**

40

## ПАРЧАМИ МИЛЛАТ

Парчами адлу инсоф,
Рояти илму фарҳанг.
Иззи алам зи таърих,
Нақши ситам зи сад нанг.

Ранги муҳаббату ғам,
Дар ту зи хуни Кова.
Болфишонданиҳот,
Ҳамчу ҷунуни Кова.

Парчами Тоҷикистон,
Парчами коваёнист.
Тоҷу ситораҳояш,
Тоҷи сари каёнист.

Чинупареши баргаш,
Набзи дил аст моро.
Мавҷи мулавванаш ҳам,
Руҳдам аст моро.

Сабзу сафеду сурхаш
Ранги ҳаёту ҷон аст.

Ҳафтситорагонаш
Нур зи бостон аст.

Баргу матои парчам
Пераҳане ба миллат.
Найзахадангҷӯбаш
Ҳамчу ситези зиллат.

Пеши ливои миллат
Сар бар замин гузорем.
Чашму ҷабини худро
Дар буни он бимолем.

Парчами адлу инсоф,
Рояти илму фарҳанг.
Иззи алам зи таърих,
Нақши ситам зи сад нанг.

**Саидҷаъфаров Озод,**
**профессори кафедраи забони тоҷикӣ**

## ОБУНА – 2023

Маъракаи обуна ба рӯзномаи «Молия ва иқтисод» оғоз гардид. Рӯзнома фарогири тамоми масоили таълимгоҳ буда, моҳе як маротиба чоп мешавад. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворост.

Хонандагони гиромӣ, нархи обуна барои як сол тағйир наёфта, 25 сомониро ташкил медиҳад, аз обунашавӣ ба ин нашрия дар канор намонед.



## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Исмоилзода Сомон, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010800 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Маҳмадалиев Ҳайдар Зиёвуддинович, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010800 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Суюнов Ширинбек Иззатуллоевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25011200 факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Холмуродов Сулаймон Файзалиевич, донишҷӯи курси 1-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010409 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонии Абдулмаҷидзода Ҷаҳонафрӯз Абдурашид, донишҷӯи курси 4-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-96010101 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Ҷалилов Ҳасан Маҳмадиёрович, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010201 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Баротов Ҳасан Раҷабалиевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-260202 факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Саидзода Шаҳроми Хуршед, донишҷӯи курси 1-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-960101 факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Билети донишҷӯии Қурбонов Ҷаҳонгир Аҷикович, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-26020208 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Ҳақдодов Саидмуҳаммад Сафарбоевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-96010101 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Юсупов Сироҷиддин Шамсуллоевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Қадамов Давлатбек Умаралиевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Одиназода Самариддин, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010408 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии Анваров Сипеҳр Бахтиёрович, донишҷӯи курси 4-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25011100 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Шоимов Бароталӣ Алишерович, донишҷӯи курси 1-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010409 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Иброҳимов Аслишо, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 2-5010407 факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Олимов Шуҳрат Шоҳрухович, донишҷӯи курси 1-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-26010101 факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Давлатов Шерзод Раҷабалиевич, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-3103060104 факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

---

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон аз марги дарбони шуъбаи амният ва бехатарии донишгоҳ

**САМАДОВ ҶУМА АЗАМОВИЧ**

андӯҳгин буда, изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд ва ба наздикону пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

****

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Қаландаров Асомуддин, сардори раёсати таълими донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

****

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Мақсудинова Фирӯзамо Сафаралиевна, фаррош-ҳавлирӯби донишгоҳ нисбати даргузашти фоҷиавии

**ДУХТАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

****

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Бозоров Ҷиёнхон, устои барқи раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ нисбати даргузашти

**БАРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

****

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Неъматов Илҳомиддин, мудири кафедраи менеҷменти донишгоҳ нисбати даргузашти фоҷиавии

**БАРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

****

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Равшанова Шарифа, китобдори калони Китобхонаи илмии донишгоҳ нисбати даргузашти

**АПААШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Оғози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Муассис: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева
Муҳаррирон: Раъно Ҳакимова, Эшов Тағоймурод, Наврӯз Ҷобиров

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №300/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2022 ба ҳисоб гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 3850**
**Нархаш шартномавӣ**

www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
**Телефон: 93-422-56-96**